# Ҳақиқати Тавҳид

(حقيقت توحيد)

Таълиф:

**Шайх дуктур Юсуф Қарзовӣ**

Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон

## Имон ба Худо асоси тавҳид

Имон ба Худованд, яъне имон ба зоти ғоиб, баландмартаба, дорои ихтиёр ва қудрати комилу шоистаи итоъат ва бандагӣ. Имон ба Худованд рӯҳи ҳамаи адён, аз ҷумла Ислом ва асоси ҳамаи бовариҳост ва китоби Худо ва Суннати Паёмбар(с) ин ҳақиқатро ба равшанӣ баён намудааст.

Ин Қуръони Карим аст, ки дар ҳангоми сухан аз аркону аҷзои имон, бовар ба Худоро дар ибтидо ва ба унвони асли асосии имон матраҳ месозад ва мефармояд:

﴿ آمَنَ الرَّسُولُ بِمَا أُنزِلَ إِلَيْهِ مِنْ رَبِّهِ وَالْمُؤْمِنُونَ كُلٌّ آمَنَ بِاللَّهِ وَمَلَائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ ﴾[١] .

"Фиристодаи Худо муътақид аст ба он чӣ аз сӯйи Парвардигораш бар ӯ нозил шудааст ва мӯминон низ ба он имон доранд. Ҳамагӣ ба Худо ва фариштагону китоб ва Паёмбаронаш имон доранд".

Ва низ мефармояд:

﴿وَلَكِنَّ الْبِرَّ مَنْ آمَنَ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ وَالْمَلَائِكَةِ وَالْكِتَابِ وَالنَّبِيِّينَ﴾[٢]

"Балки некӣ, кирдори касест, ки ба Худо ва рӯзи вопасин ва фариштагон ва китоби осмонӣ ва паёмбарон имон оварда бошад".

Ва дар ҷойи дигар мефармояд:

﴿ يَاأَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا آمِنُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَالْكِتَابِ الَّذِي نَزَّلَ عَلَى رَسُولِهِ وَالْكِتَابِ الَّذِي أَنزَلَ مِنْ قَبْلُ وَمَنْ يَكْفُرْ بِاللَّهِ وَمَلَائِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ وَالْيَوْمِ الْآخِرِ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالًا بَعِيدًا﴾[٣] .

"Эй касоне, ки имон овардаед, ба Худо ва Паёмбараш (Муҳаммад) ва китобе, ки бар Паёмбараш нозил кардааст ва ба китобҳое, ки бештар (аз Қуръон) нозил намудааст (ва ҳанӯз таҳриф нашудаанд) имон биёваред, ҳар кас ки ба

[1]: Сураи Бақара 285

[2] : Сураи Бақара 177

[3] : Сураи Нисо 136

Худо ва Фариштагон ва китобҳои Худовандӣ ва рӯзи растохез кофир шавад (ва яке аз инҳоро напазирад) воқеъан дар гумроҳии дӯру дарозе афтода аст".

Ва дар ҳадиси машҳури Ҷибрил омадааст, ки Паёмбар(с) дар посух ба суоли Ҷибрил, ки дар бораи имон пурсид, фармуд: "**Имон, яъне ин ба Худо, Фариштагон, китобҳои осмонӣ, Паёмбарон, рӯзи қиёмат ва қадари неку бад, бовари қалбӣ дошта бошӣ**".

Пас тибқи Қуръон ва ҳадис, имон ба Худованд асл ва соири аркони ақидатӣ вобаста ва марбути ба он аст ва тӯ ба унвори як фарди мӯмин пас аз имон ба Худост, ки ба Малоика ва китобҳои осмонӣ, Паёмбарон, дидори Парвандигор, муҳосаба ва қазо ва  қазар, эътиқод пайдо мекунӣ.

Дар воқеъ имон ба Расули Худо қобили тасаввур нест, магар пас аз имон ба касе, ки ӯро фиристода ва имон ба рӯзи ҷазо ва муҳосаба низ қобили тасаввур нест, магар пас аз имон ба муҷозоткунанда ва ҳисобгар.

Имон ба Худо, ба таври қатъӣ имон ба вуҷуд ӯ, имон ба яктойи ӯ дар рубубият ва улуҳият, имон ба асмои наку ва сифоти волои ӯро низ шомил мешавад, исмҳо ва сифотҳое, ки нишон медиҳанд Худованд ба гӯнае шоиста ба ҳамаи камолот ороста ва аз ҳамаи камбудиҳо пок ва муназзаҳ.

Тайи барасиҳои гузашта, чунон натиҷа гирифтем, ки вуҷуди Худованд ҳақиқист, хориҷ аз ҳар шак ва тардид ва дар воқеъ ошкортарини ҳамаи ҳақоиқ аст, ки фитрати солим бар он гувоҳ ва ақли ҳидоятёфта далели он аст ва ононе, ки дар илм ва дониш баҳраи фаровон доранд, бо мушоҳадае аҷоиби Худо дар наворарӣ ва нақшакашӣ ва андозагирӣ ва ҳидоят бахше, ки дар атрофи ва даруни худ меёбанд, ин ҳақиқатро дубора таъкид мекунанд.

Ва агар ин ҳақиқати бузург, яъне вуҷуди Худо барои баъзе аз инсонҳо пушида монандааст, ҷавоби онро дар ин таъбир бояд ҷӯст, ки: "ин пушидагӣ ва хафо аз шиддати зуҳур ҳосил шуда аст. Ва агар иддаи дигаре дар баробари фитрати Худогароӣ муштарак миёни ҳамаи башарият, бузургӣ нишон медиҳанд ва такаббур меварзанд ва бо мантиқи ақл ва илм мубориза мекунанд ва дар натиҷа, Худоро инкор мекунанд, онон ҳамонанди мавориди истисноӣ ҳастанд, ки қоъидаи куллиро нафъ намекунанд.

## Ислом тавҳидро меҳвар қарор додааст

Дар воқеъ Ислом аҳамияти зиёде ба исботи вуҷуди Худованд надодааст, зеро дарки онро як ниёз ва зарурати фитрӣ барои башар медонад ва дар иваз ниҳоят таваҷҷуҳи худро бар амри дигар мутамаркиз кардааст, ки мардум дар он замина бисёр гумроҳ гаштаанд ва ин масъала, ки мағзи ақоиди Ислом ва рӯҳи ҳаёти Исломӣ аст, ҳамон ақидаи Тавҳид аст. Яъне имон ба Худои якто ва бартар аз ин ҳастӣ, ки офаринниш ва ҳукмронӣ аз они ӯст, Худое ки бозгашти ниҳой ба сӯйи ӯ, Парвардигори ҳар чиз ва тадбиргари ҳар амр аст ва фақат ӯ шоистаи ин аст, ки ибодат шавад на инкор, шукргузорӣ шавад на куфрон ва итоъат шавад на исён.

﴿ذَلِكُمْ اللَّهُ رَبُّكُمْ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ خَالِقُ كُلِّ شَيْءٍ فَاعْبُدُوهُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ وَكِيلٌ لَا تُدْرِكُهُ الْأَبْصَارُ وَهُوَ يُدْرِكُ الْأَبْصَارَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ﴾[١]

"Ин аст Худои якто, ки Парвардигори шумост. Худое ҷуз Ӯ нест. Офаринандаи ҳар чизест. Пас Ӯро бипарастед, ки нигоҳбони ҳар чизест! (102) Чашмҳо Ӯро намебинанд ва Ӯ бинандагонро мебинад, дақиқу огоҳ аст!"

Ислом дар ҳоле зуҳур кард, ки ширк ва бутпарастӣ дар чаҳор сӯйи дунё реша давонида буд, ва ба ҷуз теъдоди

---

[1] : Сураи Анъом 102-103

андаке аз мардуми шибҳи ҷазираи Арабистон, ки то ҳудуде бар ойни ҳанифи Иброҳим монда буданад, ё афроде аз аҳли китоб, ки аз инҳирофоти бутпарастӣ, ки адёни яҳуд ва насороро ба табоҳӣ кашонда буд, дар амон монда буданд, дигар касе ёфт намешуд, ки ба ибодати Худои воҳид бипардозад ва барои дарки ин мавзуъ ҳамин барои мо кифист, ки бидонем миллати Араб дар даврони ҷоҳилияти худ то баногӯш ғарқ дар ширк ва бутпарастӣ буд, ба гӯнае ки дар хонаи Каъба ва атрофи он, ки Иброҳими бутшикан барои ибодати Худои ягона бино карда буд, сесаду шаст бут вуҷуд дошт ва ҳатто ҳар хонае аз хонаҳои Макка буте дар худ дошт, ки аҳли он хона ибодаташ мекарданд.

Имоми Бухорӣ аз Абураҷо Аторудӣ ин гуна нақл мекунад, ки: "Мо сангҳоро мепарастидем ва агар санге беҳтар аз он меёфтем онро бардошта ва санги пешинаро дӯр меандохтем ва шири гусфандеро бар он ҷушида ба тавоф мепардохтем".

Илова бар ин, онон худое аз хурмои хамиршуда доштанд ва баъзе аз онҳо дар аксари авқот онро бо худ дар сафар мебурданд ва агар сафар тӯл мекашид ва ғизо тамом мешуд, худои худро мехурданд.

Қуръон дар ояти 73 сураи Ҳаҷ ба ин навъ худоён ишора мекунад ва мефармояд:

﴿وَإِن يَسْلُبْهُمُ الذُّبَابُ شَيْئًا لَّا يَسْتَنقِذُوهُ مِنْهُ ۚ ضَعُفَ الطَّالِبُ وَالْمَطْلُوبُ﴾[1].

"(Худоёни ботил он қадар заифанд, ки) ҳатто агар магасе ҳам чизе аз он онҳо биситонад ва баргирад, наметавонанд онро аз ӯ пас бигиранд, ҳам толиб ва матлуб дармонда ва нотавонанд".

Дар сарзамине монанди Ҳинд бутпарастӣ ба авҷи худ расида буд, ба гӯнае, ки дар қарни шашуми милодӣ

[1] : Сураи Ҳаҷ 73

теъдоди худоёни мавҷуд дар он сарзамин дар ҳудуди 330 ммахлон баровард шудааст.

Бутпарастӣ ҳатто дар динҳои осмонӣ низ нуфуз карда ва шафофият ва покии онро ба кудурат ва олудагӣ кашонид.

﴿وَقَالَتِ الْيَهُودُ عُزَيْرٌ ابْنُ اللَّـهِ وَقَالَتِ النَّصَارَى الْمَسِيحُ ابْنُ اللَّـهِ﴾[١].

"Яҳудиён гуфтанд, Узайр писари Худост ва Насоро гуфтанд, Масиҳ писари Худост".

Пас Масеҳ назди Масиҳиён худои барҳақ аз ҷониби Худои ҳақиқӣ аст. Ва ин ранги дигаре аз ақсоми ширк аст, ки дар миёни бисёре аз миллатҳо ривоҷ ёфта ва барои Худованд писарон ва духтароне қарор додаанд ва ба ҷойи Худо ва бо ҳамроҳ бо ӯ онҳоро мепарастанд, ҳамон гуна ки Ҳиндуҳо дар гузашта нисбат ба "Кришна" ва "Бузо" чунин эътиқоде доштанд ва бо Арабҳо, ки Малоикаро духтарони Худованд медоштанд. Қуръон дар ин боро чунин мефармояд:

﴿وَقَالُوا اتَّخَذَ الرَّحْمَـٰنُ وَلَدًا ۗ سُبْحَانَهُ ۚ بَلْ عِبَادٌ مُّكْرَمُونَ لَا يَسْبِقُونَهُ بِالْقَوْلِ وَهُم بِأَمْرِهِ يَعْمَلُونَ لَا يَسْبِقُونَهُ بِالْقَوْلِ وَهُم بِأَمْرِهِ يَعْمَلُونَ يَعْلَمُ مَا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَلَا يَشْفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ارْتَضَىٰ وَهُم مِّنْ خَشْيَتِهِ مُشْفِقُونَ﴾[٢].

"Ва (ба бархе аз куффори Араб) гуфтанд, ки Худои раҳмон соҳиби фарзанди баргаузидааст (яъне Фариштагон). Пок аст Ӯ (Фариштагон фарзандони ӯ нестанд), балки онон бандагоне гироми ва муҳтарам ҳастанд, дар сухан бар Ӯ пешӣ намегиранд ва ба фармони Ӯ кор мекунанд. Худованд аъмоли гузашта ва ҳолу ояндаи онҳро медонад. Ва онон ҷуз касонеро, ки Худо аз онҳо хушнуд аст, шафоъат намекунанд ва аз бими Ӯ дар тарсу ҳаросанд".

[1] : Сураи Тавба 30

[2] : Сураи Анбиё 26-2٨

Ба ҳамин хотир Ислом таваҷҷуҳи бисёр зиёде ба маъалаи даъват ба яктопарастӣ дар илм ва амал ва мубориза бо ширк дар бовар ва рафторашон кардааст.

﴿وَإِلَهُكُمْ إِلَهٌ وَاحِدٌ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ الرَّحْمَنُ الرَّحِيمُ﴾[1].

"Худованди шумо Худаванди якто ва ягона аст ва ҳеҷ Худое ҷуз ӯ, ки раҳмон ва раҳим аст, вуҷуд надорад".

## Фитрати инсонҳо далели ягонагии Худованд

Ба ростӣ, ки ҳамаи далелҳои фитрӣ, ақлӣ ва шунавоӣ нишон аз ягонагӣ ва беҳамтоии Худованд доранд. Агар инсон ба фитрат ва сиришти худ, ки таҳти таъсири дахолатҳои берӯнӣ ва талқилнҳои хориҷӣ воқеъ нагардида, вогузор шавад, худро дар ҷиҳати қудрати бартар аз инсон ва ҳастӣ меёбад ва ӯро бо дӯ ангезаи иштиёқ ва тарс бонг мезанад, махсусан агар сахтиҳо ва мушкилот домангири ӯ шуда ва ғаму андуҳи вайро дар барангехта ва дасташ аз ёрии мардум кутоҳ гардад, дар ин сурат холисона мутаваҷҷеҳ Парвардигораш шуда ва ҳар чиро, ки қаблан ба он мутаваҷҷеҳ мекард ва тибқи ваҳму гумон, ё ҷаҳлу ҳавопарастӣ ва ё таъсири бади муҳит, муассир медонист ба канор мениҳад ва дигар ба инсонҳо ва ҳайвонот ва гиёҳону чизҳои беҷон паноҳ намебарад. Ва ин қазия ҳамон аст, ки тайи достони киштисаворон дар ҳоли ғарқ, ки Қуръон ривоят мекунад, ба он ишора кардем. Қуръон дар ин бора мефармояд:

﴿حَتَّى إِذَا كُنْتُمْ فِي الْفُلْكِ وَجَرَيْنَ بِهِمْ بِرِيحٍ طَيِّبَةٍ وَفَرِحُوا بِهَا جَاءَتْهَا رِيحٌ عَاصِفٌ وَجَاءَهُمْ الْمَوْجُ مِنْ كُلِّ مَكَانٍ وَظَنُّوا أَنَّهُمْ أُحِيطَ بِهِمْ دَعَوُا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ لَئِنْ أَنْجَيْتَنَا مِنْ هَذِهِ لَنَكُونَنَّ مِنَ الشَّاكِرِينَ﴾[2].

"(Чӣ басо) ҳангоме, ки дар киштиҳо қарор мегиред, бо боди мувофиқ сарнишинонро ҳаракат медиҳанд ва

---

[1] : Сураи Бақара 163

[2] : Сураи Юнус 22

сарнишинон ба он хушнӯд мегарданд, ба ногоҳ боди сахте вазидан мегирад ва аз ҳар сӯ мавҷ ба сӯяшон медавад ва мепиндоранд, ки (тавассути марг аз ҳар сӯ) иҳота шудаанд (ва роҳи фироре нест) Худоро ба фарёд мехонанд ва тоъату ибодат ва фармонбардорию динро танҳо аз ӯ медонанд (ва аҳд мекунанд), ки агар моро аз ин ҳол бираҳонӣ, аз зумраи сипосгузорон хоҳем буд".

Мо қаблан аз ин оят барои исботи вуҷуди Худованд баҳра бурдем, аммо дар айни ҳол далелест бар ягонагии ӯ, зеро нишон медиҳад, ки инсон ҳангоми фароғат ва раҳоӣ аз авомили ва ангезаҳои инҳироф ва мурочаъаи дубора ба фитрати холис ва поки худ, дар ҳангоми сахтиҳо ва мушкилот ба сӯйи Худованди якто ва парвардигори худ ва ҷаҳониён майл мекунад. Худованд дар ин достон аз гароиши дарунии ин мушрикин хабар медиҳад:

﴿ دَعَوُا۟ ٱللَّهَ مُخۡلِصِینَ لَهُ ٱلدِّینَ ﴾[1].

"Бо ихлос Худовандро фарёд мезананд".

### Ақл далеле бар ягонагии Худованд

Ақл низ монанди фитрат ба вуҷуди ҳастии бахши якто дар варои ин ҷаҳон раҳнамун аст. Ин ҷаҳони паҳновар ва густарда бо вуҷуди танаввуъи офаридаҳо, ки бархе кучак ва бархе бузурганд, бархе ҷондор ва бархе беҷон, садодор ва бесадо, оқил ва ғайри оқил, бархе дар боло ва бархе дар поён ҳастанд, ҳамаро як қонун ягона идора мекунад ва аз як зарраи кучак то каҳкашони бузургро дар бар мегирад, ба гӯнае, ки як донишманди улуми таҷрибӣ бо таммул дар сохтори як Атом онро ҳамонанди сохтори манзумаи шамсӣ мебинад ва дар он тафовуте намеёбад.

---

[1] : Сураи Юнус 22

Ба унвони мисол, як қонуни куллӣ ба номи қонуни завҷият дар миён ҳамаи махлуқот вуҷуд дорад, ки инсон аз гузашта онро дар худ ва ҳайвонот ва дар қолаби музаккар ва муаннас шинохтааст ва ҳатто онро дар бархе дарахтони нахл низ мушоҳида карда буд. Сипас чанд дониши ҷадид ба ин масъала пай бурд, ки ҳамаи гиёҳон дорои ҷинси музаккар ва муаннас ҳастанд ва ҳатто ҷамодот (чизҳои беҷон) низ дорои ин завҷият дар қолаби бори электрикӣ мусбат ва манфӣ ҳастанд. Ва аз ҳама муҳимтар, атом бо унвони хишти сохтмони ҳастӣ ва кучактарин воҳиди ташкилдиҳандаи ҷаҳон дар атрофи ҳастии худ дорои бори элестарони мусбат ва манфӣ (дар қолаби электронр ва протон) мебошад.

Дар воқеъ ин ёфтаи ҷадид башарӣ тасдиққунандаи ҳақиқатест, ки Қуръон дар ҳазор ва чаҳор сад сол пеш бо он ишора доштааст, ки Худои баландмартаба чунин ба он ишора кардааст:

﴿ سُبْحَانَ الَّذِي خَلَقَ الْأَزْوَاجَ كُلَّهَا مِمَّا تُنْبِتُ الْأَرْضُ وَمِنْ أَنفُسِهِمْ وَمِمَّا لَا يَعْلَمُونَ﴾[1] .

"Пок аст он Худое, ки ҳамаи ҷуфтҳоро биёфарид, чӣ аз он чӣ замин мерӯёнад ва чӣ аз худашон ва чӣ он чизҳое, ки намешиносанд".

Ва низ мефармояд:

﴿وَمِنْ كُلِّ شَيْءٍ خَلَقْنَا زَوْجَيْنِ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ﴾[2] .

"Ва мо аз ҳар чиз ҷуфте биёфаридаем, то ин ки шумо (азамати Парвардигорро) ёд кунед".

Возеҳ аст, ки лафзи "كُـــلِّ شَـــيْءٍ" на маҷоз аст ва на баёнгари аксарият, балки ҳамон маънои ҳақиқии худро дорост.

Аз ҷумла далоили дигаре, ки бар ваҳдати ҳастӣ далолат мекунад, ҳамкорӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангии мавҷуд миёни аҷзои ҳастӣ аст, ба гунае, ки ҳар ҷузъе

[1] : Сураи Ёсин 31

[2] : Сураи Зориёт 49

вазифаи худро ба таври муназзам ва бидуни бархурд бо соири аъзо ва ё эҷоди монеъ ва инҳироф аз масир, ба анҷом мерасонад ва илова бар он ҳар ҷузъе ҷуъи дигарро бо таъмини ниёзмандиҳояш дар анҷоми вазифа ёрӣ медиҳад ва худ низ он чиро ба он эҳтиёҷ дорад, аз ӯ мегирад, ҳамон гуна, ки дар равобити мавҷуд миёни ҷаҳони ҳайвонот ва гиёҳо мушоҳида мекунем. Оё миёни ин ду даста аз махлуқот қарордоде барои анҷоми ин мубодалот вуҷуд дорад? Ё ин ки зоти мудаббир ва баландмартаба миёни ин ду гуруҳ чунин робитаи шигифтангезро танзим намудааст?

Ва боз ҷойи ин пурсиш аст, ки чӣ касе равобити миёни хуршед ва замин, замин ва моҳ, моҳ ва хуршед ва ситораҳои манзумаи шамсӣ бо якдигар ва байни манзумаи шамсӣ бо миллионҳо маҷмуъаи ситораи дигарро, ки дар каҳкашони бузурги мо вуҷуд доранд барқарор сохтааст? Ба гунае, ки ҳама бо ҳам ҳамкорӣ доранд ва бархурде миёни онҳо нест ва ҳар чиз тибқи муҳосаба ва андозаи мушаххас қарор дорад.

﴿الشَّمْسُ وَالْقَمَرُ بِحُسْبَانٍ  وَالنَّجْمُ وَالشَّجَرُ يَسْجُدَانِ  وَالسَّمَاءَ رَفَعَهَا وَوَضَعَ الْمِيزَانَ﴾[1] .

"Хуршеду моҳ  бар ҳисоб муқаррар (ва муназзаме дар гардиш) ҳастанд. Гиёҳон ва дарахтон барои Худо саҷда мекунанд ва сари таъзим фуру меоваранд. Осмонро барафрошт ва  тарозуро (қавонин ва завобите) гузошт".

﴿لَا الشَّمْسُ يَنْبَغِي لَهَا أَنْ تُدْرِكَ الْقَمَرَ وَلَا اللَّيْلُ سَابِقُ النَّهَارِ وَكُلٌّ فِي فَلَكٍ يَسْبَحُونَ[2] .

"Офтобро сазовор нест, ки ба моҳ расад ва шабро сазовор нест, ки бар рӯз пешӣ гирад ва ҳама дар фалаке сайр мекунанд".

Ин якпорчагӣ ва ҳамоҳангии мавҷуд миёни ҳамаи махлуқот, ки ҳама бо чашми сар  ва ҳам бо дидаи басират қобили мушоҳида аст, худ далели бисёр наку барои

[1] : Сураи Ал-раҳмон 5-6-7

[2] : Сураи Ёсин 40

ягонагии падидоварандаи он аст ва албатта ба таври қатъ, далели возеҳ низ барои вуҷуди ӯст.

Яқинан агар дар пушти ин ҷаҳон беш аз як холиқ вуҷуд дошт, низоми ҳастӣ бо тазалзул афтода ва эътидол он мухтал мешуд ва дар ҳар ҷузъе аз аҷзои ҳастӣ асари амри холиқи ҳамон қисматро, ки бар он мутасаллит буд, меёфтем ва медидем, ки дар асари иродаи худоёни мутаъаддид қавонони бар ҳастӣ мутафовит ва суннатҳои ҷорӣ миёни махлуқот бо ҳам дар тазод аст ва дар натиҷаи он ба таври яқин ҳамаи ҳастӣ ба табоҳи мегароид.

Қуръони Карим низ дар садади исботи ягонагии Парвандигор ба ҳамин далел мавҷуд дар ҳастӣ ишора мекунад ва мефармояд:

﴿لَوْ كَانَ فِيهِمَا آلِهَةٌ إِلَّا اللَّـهُ لَفَسَدَتَا ۚ فَسُبْحَانَ اللَّـهِ رَبِّ الْعَرْشِ عَمَّا يَصِفُونَ﴾[1].

"Агар дар осмону замин ғайр аз Аллоҳ маъбудон ва худоёни дигаре мебуданд, ҳароина осмонҳо ва замин табоҳ мегардиданд (зеро будани ду шоҳ дар кишваре ва ду раис дар идорае, назм ва тартибро ба ҳам мезананд), Пас Оллоҳ — Парвардигори арш аз ҳар чӣ ба васфаш мегӯянд, пок аст".

﴿مَا اتَّخَذَ اللَّـهُ مِن وَلَدٍ وَمَا كَانَ مَعَهُ مِنْ إِلَـٰهٍ ۚ إِذًا لَّذَهَبَ كُلُّ إِلَـٰهٍ بِمَا خَلَقَ وَلَعَلَا بَعْضُهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ ۚ سُبْحَانَ اللَّـهِ عَمَّا يَصِفُونَ﴾[2].

"Худо ҳеҷ фарзанде надорад ва ҳеҷ худое бо Ӯ нест. Агар чунин мебуд ҳар худое бо офаридагони худ ба як сӯ мекашид ва бар якдигар болотаршавиро меҷустанд. Худо аз он гуна, ки Ӯро васф мекунанд, пок аст".

Аз ҷиҳати дигар эътиқод ба ягонагии Парвардигори баландмартаба, илова бар ин, ки инсиҷоми ҳоким бар ҳастӣ бар он далолат мекунад, амрест, ки бо мантиқи дурусти башарӣ низ ҳамоҳанг аст, зеро ақли башар нидои убур аз касрат ба сӯйи ваҳдатро медиҳад ва хоҳони ин аст,

[1] : Сураи Анбиё 22

[2] : Сураи Мӯминун 91

ки аз асбоби мутаъддид ба як сабаби воҳид бирасад, ки сирри маншаъи ҳамаи асбоб ва иллати ҳамаи иллатҳо бошад. Ва ба ҳамин далел аст, ки бархе аз файласуфон аз таъбири "иллати аввалия" барори холиқи ҳастӣ истофода мекунанд.

### Ваҳӣ, далеле бар ягонагии Худованд.

Ҳамроҳ бо далоили фитрӣ ва ақлӣ, ки нишон аз якто будани Худованд доранд, далоил шуниданӣ низ, ки наслҳои мухталиф аз китобҳои Худованд ва Паёмбароне, ки дар сарзаминҳо ва давронҳои мухталиф зуҳур ёфтанд, нақл намудаанд, бар ягонагии Худованд далолат доранд, ки ин далоил шомили даъвати Худо ва Фариштагонаш аст, барои имон ба Худои воҳид ва бешарик ва анҷоми ибодат фақат барои ӯ ва низ шомили инкор ва радди ақвоме аст, ки барои Худо шарик қоил шуда ва муртакиби коре шуданд, ки далоиле аз Худованд барои он нозил нашуда аст.

Дар ин маҷол Қуръон, ки аҳди Илоҳӣ ва маҳфуз аз таҳриф аст ва муштамил бар ҳидояти осмон барои замин аст, риштаи сухан ба даст гирифта ва бархе достонҳои Паёмбаронро борои мо бозгӯ мекунад, ки ҳамаи онҳо барои баёни ақидаи яктопарастӣ барангехта шуданд ва ин ҳамон далел аст, ки Қуръон онро бар зидди мушрикине ба кор мегирад, ки ҳамроҳи Худованд, худоёни дигареро низ мепарастанд дар ҳоле, ки ҳеҷ далеле аз ақл ва ваҳӣ надоштанд.

Акнун ба ҳамроҳи якдигар ба қисмате аз сураи Анбиё гуш фаро медиҳем, ки бо тавбих ва инкори мушрикин сухан мегушояд ва мефармояд:

﴿أَمْ اتَّخَذُوا آلِهَةً مِنْ الْأَرْضِ هُمْ يُنشِرُونَ لَوْ كَانَ فِيهِمَا آلِهَةٌ إِلَّا اللَّـهُ لَفَسَدَتَا ۚ فَسُبْحَانَ اللَّـهِ رَبِّ الْعَرْشِ عَمَّا يَصِفُونَ لَا يُسْأَلُ عَمَّا يَفْعَلُ وَهُمْ يُسْأَلُونَ أَمِ اتَّخَذُوا مِن دُونِهِ آلِهَةً ۖ قُلْ هَاتُوا بُرْهَانَكُمْ ۖ هَـٰذَا ذِكْرُ مَن مَّعِيَ وَذِكْرُ مَن قَبْلِي ۗ بَلْ أَكْثَرُهُمْ لَا يَعْلَمُونَ الْحَقَّ ۖ فَهُم مُّعْرِضُونَ﴾[1].

"Магар ин мардум (мушрикин нодон) худоёне аз ҳамин замин баргирифтаанд, ки ҷон офарин бошанд? Агар дар замину осмон худоёне ғайри Оллоҳ мебуд, ҳар ду табоҳ мешуданд. Пас Оллоҳ — Парвардигори арш аз ҳар чӣ ба васфаш мегӯянд, пок аст. Ӯ дар баробари ҳеҷ як аз корҳое, ки мекунад, пурсида намешавад, вале мардум пурсида мешаванд. Оё ба ҷуз Ӯ худоёнро баргирфтаанд? Бигӯ: «Ҳуҷҷати худ биёваред. Дар ин китоб зикри касонест, ки бо ман ҳастанд ва сухане касоне, ки пеш аз ман будаанд. На, бештаринашон чизе аз ҳақ намедонанд ва аз он рӯй мегардонанд".

Худованд дар сураи Аҳқоф аз онон далели нақлӣ барои иддиъои ширкомезашон металабад:

﴿ائْتُونِي بِكِتَابٍ مِّن قَبْلِ هَـٰذَا أَوْ أَثَارَةٍ مِّنْ عِلْمٍ إِن كُنتُمْ صَادِقِينَ﴾[2].

"(Агар фарзан мегӯед, ки маъбудони дуруғини шумо дар офариниши осмонҳо ва замин ширкат доштанд), китобе (аз кутуби осмонӣ) пеш аз ин (Қуръон) ё як асари илмӣ (ва бостонӣ) барои ман биёваред, агар рост мегӯед".

## Тавҳид ҷавҳари имон ба Худо

Эй бародар! Ҳоло, ки донистӣ имон бо Худованд ҷавҳари ҳамаи ақоиди Исломист, бар ту лозим аст, ки бидонӣ тавҳид низ ҷавҳари имон ба Худованди мутаъол аст ва агар имон бо вуҷуди Худованд бо яктопарастӣ ҳамроҳ ва ҳангом набошад, ҳамон куфр ва ширк аст ва бо палидӣ ва дуруғ ва зулми бузурге табдил шуда ва гумроҳии ошкоре ба бор хоҳад овард.

---

[1] : Сураи Анбиё 21-22-23-24

[2] : Сураи Аҳқоф 4

Ба ин хотир бар ту эй фарди мусалмон, лозим аст, ки ҳақиқати тавҳидро бидонӣ, тавҳиде, ки Худованд ба он амр карда, динашро бар он бунён ниҳода, китобашро борои баёни он фуру фиристода ва Паёмбарашро дар ҷиҳати ибоғи он барангехта ва расидан ба хайри дунё ва охиратро ба анҷоми он ва холис гардониданаш вобаста намуда аст. Тавҳиде, ки Худованд биҳиштро барои аҳл ва ёрони он баргузида ва оташи дузахро барои душманон ва бадхоҳони он ихтисос дода аст. Ин дар ҳолест, ки бисёре аз мардум худро аҳли тавҳид медонанд ва даъво мекунанд, ки бовару андеша ва рафторашон, ҳамон тавҳиди холис ва пokаст ва дигарон бар масири ботил ҳастанд, аммо:

وكلاً يدعي وصلا لليلى وليلى لا تقر لذا ولا ذا

Ҳамаро даъвои васли Лайлост

Вале Лайло аз ину он мубаррост.

Аз ин гуруҳ метавон ба ҳамроҳони фалсафаи Арастӯ ва пайравонаш, ки ба "файласуфони мусалмон" машҳуранд, ишора кард, ки тавҳид дар назди онон иборат аз "исботи вуҷуди Худованд бидуни моҳият ва сифат" аст ва ин, ки Худо вуҷуди мутлақ аст, ки ҳеҷ моҳияте ба ӯ таъаллуқ намегирад, ҳеҷ сифате барои ӯ собит намешавад ва ба ҳеҷ сифате муҳтас нест, балки сифоти ӯ ба таври куллӣ салбӣ ва изофӣ аст.

Албатта возеҳ аст, ки натиҷаи тавҳиди ин гуруҳ ба инкори Парвардигоре анҷомид, ки ҳамаи адёни осмонӣ ба сӯйи ӯ фаро хонда буданд ва низ дар натиҷаи ин навъ тавҳид, хилқати ҷаҳон тавассути Худованд, тадбири ӯ дар умур ва донишу илми ӯ ба ҳамаи ҷараёноташ низ инкор шуд. Ба ақидаи онон, ҷаҳон қадим аст[1] ва Худованд мурдагонро зинда намекунад, нубуватро мешавад ба даст овард ва ҳамонанди соири шуғлҳои башарӣ аст. Худованд

[1] : Қадим дар муқобили ҳодис, яъне чизе, ки аз азал вуҷуд дошта ва замоне барои хилқати он наметавон тасаввур кард. (мутарҷим)

нисбат ба вазъияти ҷондорон ҳеҷ иттилоъе надорад ва қодир нест, ки ҳеҷ як аз падидаҳои ҷаҳонро тағйир дода ва дар ҳастӣ дахл ва тасарруфе кунад... ҳалол ва ҳаром, амр ва наҳй ва биҳишт ва ҷаҳаннам ҳеҷ мафҳуме надорад...

Оре инаст тавҳиди файласуфон!!.

Ва оё хабари даъватгарони "ваҳдатул-вуҷуд"ро шунидайи?, касоне, ки онон низ фақат худро аҳли тавҳид медонанд ва дигаронро чандгонапараст мехонанд! Оё медонӣ, ки тавҳиди мавриди даъвои онон чист? Онон муътақиданд, ки Худованди пок айни махлуқоти худ аст ва ибаратаст аз вуҷуди ҳар мавҷуд ва ҳақиқат ва моҳияти мавҷудот ҳамон Худованд аст. Нишонаи ҳар чизе Худост ва дар ҳар чизе далелест, ки нишон медиҳад, он чиз айни зоти Худовандист.

Албатта муҳаққиқони онон ин таъбирро намеписанданд, балки мегуянд: "Худованд иборат аст аз нишонаҳо, далоил ва мадлулот".

Онон қоил ба вуҷуди мавҷудоти мутаъаддид дар ҳақиқат ва вуҷуд нестанд, балки ин таъаддудро ваҳм ва гумон медонанд. Дар воқеъ Худованд назди онон ҳам хостгорикунанда ва ҳам хостгоришаванда аст, ҳам забҳ мекунад ва ҳам забҳ мешавад, ҳам мехурад ва ҳам хурда мешавад.

Ин қазия назди онон ҳамон сиррест, ки калимоти оҳистаи қарнҳои аввалияи Ислом бар он далолат карда ва ҳидояти набавӣ дар садади баҳраманд сохтани мардум аз он буд ва ин бовар ҳамон аст, ки муҳаққиқ ва орифи ин тафаккур, Ибни Сабъийн ба он муътариф аст.

Аммо натиҷа ва маҳсули чунин тавҳиде он аст, ки Фиръавн ва Намруд ва амсоли он золимонро афроди комилан мӯмин ва орифу Худошиноси ҳақиқӣ бидонем ва бипазирем касоне, ки бутҳоро мепарастанд дар воқеъ худ Худовандро ибодат кардаанд ва роҳи дуруст ва саҳеҳро

интохоб кардаанд ва дигар набояд фарқе байни ҳурмати модар ва хоҳар ва як зани бегона ва байни об ва шароб ва издивоҷ ва зино қоил шуд.

Чаро ки ҳама аз як сарчашма ҳастанд ва дар воқеъ худ ҳамон сарчашма ҳастанд ва Паёмбарон роҳро бар мардум танг карда ва мақсадро аз онон дур карданд ва ҳақиқат чизе аз он аст, ки бадон фаро хондаанд.

Аммо агар ин боварҳоро фаромуш кунем, наметаонем тавҳиди муътазила, ки худро аҳли тавҳид ва адолат пиндошта ва онро аввалин асл аз усули панҷгонаи худ қарор додаанд, нодида бигирем.

Ҳоло бингар, ки мафҳуми тавҳиди онон чист?

Тавҳиди "муътазила" баробар аст бо инкори "қадари Худованд" ва иродаи умумии ӯ дар мавриди коинот ва тавоноии ӯ дар идораи он... пайравони ҷадиди ин фирқа, тавҳиди "ҷуҳайма"ро низ бо бовари тавҳиди худ изофа карда ва дар натиҷа ҳақиқати тавҳиди онон иборат аст аз: Инкори қадар ва инкори ҳақиқати номҳои накуйи Худо ва сифоти волойи ӯ.

Дар муқобили ин тавҳиди каҷ ва ланг, тавҳиди "ҷабария" зоҳир мешавад, ки мутобиқи он Худованд дар хилқат ва афъол ягона аст ва бандагон дар анҷоми корҳо ба таври ҳақиқӣ асаргузор нестанд ва худашон аъмоли худро анҷом надода ва бар он тавоно нестанд ва ҳаракоти ихтиёрии онон фақат ҳамонанди такон хурдани шохаҳои дарахтон ба ҳангоми вазиши ҳаво аст ва лозиим нест, ки афъоли Худованд мутобиқи ҳикмат ва ҳадафе, ки муқтазои он кор аст, бошад. Махлуқот низ дорои қудрат ва хусусиёни зотӣ ва ғороиз ва асбоб нестанд, балки ҳамаи чиз таҳти фармони як иродаи маҳз аст, ки чизеро бар

чизи дигар тарҷеҳ дода ва барои ин тарҷеҳ далел ва ҳикмат ва сабабе вуҷуд надорад[1].

Аз тарифи дигар оё касе нисбат ба тавҳиди мардуми аввом ва гумроҳ ва касоне, ки ба машоих машҳуранд ва худ омили гумроҳии мардум ҳастанд ва дар либоси дин ва мардони солиҳи Худо дар омадаанд, бехабар аст? Онон касоне ҳастанд ба ғайр Худо умед доранд ва аз ғайри ӯ метарсанд ва касоне мавриди рағбат ва тарси онон ҳастанд, ки ба авлиё ва ақтоб ва восита ва абдол ва.. лақаб гирифтанд.

Ин мардуми нодон дар атрофи марқади онон тавоф карда ва ононро бештар аз Худованд ба фарёд мехонанд ва аз онон бештар аз ӯ кумак мехоҳанд ва ба ҳангоми мушкилот ва сахтиҳо шитобон бо сӯйи онон рафта ва рафъи мушкилот ва дафъи мусибатҳоро аз онон металабанд, зеро ононро воситае байни худ ва Худо дониста ва муътақиданд, агар восита набошад, мақсуди ноҳасилон аст!

Албатта пеш аз ҳама ин ақоиди гумроҳ, ки ба тавҳиди нисбат дода шудаанд, ақидаи масиҳиён низ дар мавриди тавҳид аз касе пинҳон нест. Онон, ки муътақиданд динашон як дин тавҳидӣ аст ва аз доираи тавҳид хориҷ нагашта аст!

Мегуянд, ки Худованд саввумини сегонаҳост, яъне падар, писар ва руҳул-қудус, ки хонавода ё гуруҳи муқаддас ҳастанд, худои падар, худои писар ва руҳул-қудус.

Ҳоло агар ба онон бигуйи, шумо чӣ гуна худро муваҳҳид медонед, дар ҳоле, ки муътақид ба се худо ҳастед? Мегуянд: ин се худо, як худо ва як худо се худост!

---

[1] : Ниго: Мадориҷи соликин, Ибни Қайим Ҷавзӣ, ҷ. 3, сафҳаи 447-449, чопи Муҳаммадия

Ва ақл ва мантиқ дар ин масъала марбут ба ақида наметавонад дахолат кунад. Дар воқеъ шиъори онон ин аст, ки куркурона ба ин қазия муътақид бош!!

Бо таваҷҷуҳ ба ҳамаи матолиб гузашта, равшан аст, ки баёни ҳақиқати тавҳиде, ки Ислом ба он фарохондааст ва таълими худро бар он устувор ниҳода ҷузъи муҳимтарин воҷибот аст ва ҷиҳати ҷудоии ҳақ аз ботил бисёр асосӣ аст.

## Тавҳиде, ки ба он амр шудааст

Тавҳиде, ки ба он амр шудааст, дорои ду бахш аст:

1. Эътиқодӣ 2. Амалӣ ва рафторӣ.

Ба иборати дигар: тавҳиди комил дорои ду бахши ҷудоинопазир аст. Бахше аз он марбут ба шинохти Худо, исботи вуҷуди ӯ ва эътиқод ба он аст ва бахши дигар марбут ба талаби Худо, қасд ба ӯ, расидан ва иродаи ӯро кардан аст.

Дар воқеъ имони ҳеҷ шахсе назди Худованд мақбул нест, магар ин, ки ҳам дар илм ва эътиқод, Худоро танҳо бидонад ва имон дошта бошад, ки Худованд дар зот ва сифот ва афъол ягона аст ва шарику мушобиҳ ва фарзанд надорад ва фарзанди касе ҳам нест.

Ва ҳам дар қасд ва ақду амал низ Худоро танҳо бидонад, яъне танҳо ӯро шоистаи ибодати комил ва итоъати бечуну чаро дониста ва фақат дар баробари ӯ изҳори зиллат карда ва тавбаву надомат, таваккал ва тарсу умедро фақат барои Худо анҷом диҳад.

Бахши аввали тавҳид, ҳамон аст, ки ба равшинӣ ва вузуҳ дар сураи "Ихлос", ибтидои сураи "Оли Имрон", аввали сураи "Тоҳо", аввали сураи "Саҷда", аввали сураи "Ҳадид", ва поёни сураи "Ҳашр" ва ғайра баён шуда аст.

Ба бахши дуввуми тавҳид низ ҳамон аст, ки дар сураҳои зер баён шуда ва комилан мавриди таъкид қарор гирифта аст:

Сураи "Кофирун", тамоми сураи "Анъом", ибтидои сураи "Аъроф", ва интиҳои сураи ҳамин сура, ибтидои сураи "Юнус" ва байнҳо ва охирҳои ҳамин сура ва ибтидо ва интиҳои сураи "Зумар".

Албатта дар ағлаби сураҳои Қуръон ба он ишора шудааст ва имом Ибни Қайим мефармояд, ки тамоми сураҳои Қуръон дарбаргирандаи ин ду навъ тавҳид ҳастанд.

Бисёре аз нависандагони ҷадид ва қадим навъи аввали тавҳидро "**тавҳиди рубубият**" ва навъи дувум онро "**тавҳиди илоҳиёт**", ё "**тавҳиди улуҳият**" номидаанд.

Эй хонандаи гиромӣ! Ман (муаллиф) туро ниёзманд ин медонам, ки маънои ин ду истилоҳ дар партави нури бештаре аз илм ва дониш қарор гирад ва ту далели равшан аз Парвардигори худ дошта ва дар дини худ дорои биниш бошӣ, то онон, ки гумроҳ мешаванд, бо огоҳӣ ва ҳуҷҷат буда ва онон, ки роҳи ҳақро мепазиранд, бо огоҳӣ ва далели ошкор бошад.

Акнун бо тафсили бештар бидонем, ки маънои "тавҳиди рубубият" ва "тавҳиди улуҳият" чист?

### Аввал: Тавҳиди Рубубият

Маънои он инаст, ки имон дошта бошем, Худованд, парвардигори осмонҳо ва замин аст ва ҳар чӣ дар онҳост, тавассути ӯ офарида шуда ва амр ва фармон дар саросари ин ҷаҳон махсуси ӯст ва дар идораи умури ин ҳастӣ шарик ва ёваре надорад ва касе нест, ки вайро барои корҳое, ки мекунад бозхост кунад. Пас ӯ ба танҳойи парваришдиҳандаи ҳамаи чиз,

рӯзирасони ҳар мавҷуди зинда ва тавбиркунандаи ҳар амр аст. Танҳо ӯст, ки метавонад ба пастӣ кашонад ва ё ба бузургӣ ва мақом бибахшояд ва ё манъ кунад, зарар расонад ва ё баҳра диҳад, азиз кунад ва ё ба зиллат ва хорӣ расонад. Ғайр аз Худо ҳар кас ва ҳар чӣ ки ҳаст, на ихтиёри нафъ ва зарари худро ба уҳда дорад ва на дигареро, магар ба изн ва иҷозаву хости ӯ.

Бояд донист, ки ин бахш аз тавҳидро ҳама қабул доранд, магар моддапарастони мулҳид, ки вуҷуди Худоро инкор мекунанд ва дар гузашта ба "Даҳриҳо" ва имрӯзҳо ба "Комунистон" машҳуранд.

Иддаи дигар аз ин моддапарастон ба "дугонапарастон" машҳуранд, ки муътақид ба вуҷуди ду Худо барои ҷаҳон ҳастанд, Худои нӯр ва Худои торикиҳо. Ва ғайр аз ин ду гуруҳ, аксари мушрикини ҷаҳон монанди мушрикини замони ҷоҳилияти Араб, ин бахши тавҳидро қабул дошта ва онро инкор мекарданд. Қуръон аз онон ин гуна нақл мекунад:

﴿وَلَئِنْ سَأَلْتَهُمْ مَنْ خَلَقَ السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضَ وَسَخَّرَ الشَّمْسَ وَالْقَمَرَ لَيَقُولُنَّ اللَّهُ﴾[1].

"Ҳар гоҳ аз онон (ки касоне ё бутҳоро шарики Худо медонанд) бипурсӣ, чӣ касе осмонҳо ва заминро офаридааст ва хуршед ва моҳро (барои шумо) мусаххар кардааст? Қатъан хоҳанд гуфт: Худо!" (зеро медонанд, ки маъбудони дуруғин махлуқанд ва аз ин кор нотавон).

﴿وَلَئِنْ سَأَلْتَهُمْ مَنْ نَزَّلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَأَحْيَا بِهِ الْأَرْضَ مِنْ بَعْدِ مَوْتِهَا لَيَقُولُنَّ اللَّهُ﴾[2].

"Агар аз онон (ки машкуканд) бипурсӣ чӣ касе аз осмон об боронидааст ва заминро ба василаи он пас аз маргаш зинда гардонидааст? Қатъан хоҳанд гуфт: Худо!"

﴿قُلْ لِمَنِ الْأَرْضُ وَمَنْ فِيهَا إِنْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ سَيَقُولُونَ لِلَّهِ قُلْ أَفَلَا تَذَكَّرُونَ قُلْ مَنْ رَبُّ السَّمَوَاتِ السَّبْعِ وَرَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ سَيَقُولُونَ لِلَّهِ قُلْ أَفَلَا تَتَّقُونَ قُلْ مَنْ بِيَدِهِ مَلَكُوتُ كُلِّ شَيْءٍ وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيْهِ إِنْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ سَيَقُولُونَ لِلَّهِ قُلْ فَأَنَّى تُسْحَرُونَ﴾[1].

---

[1] : Сураи Анкабут 61

[2] : Сураи Анкабут 63

Бигу замин ва касоне, ки дар замин ҳастанд аз он кистанд, агар доно ва фарзонаед?! Хоҳанд гуфт? Аз они Худоянд! Бигӯ: пас чаро намеандешед ва ёдовар намегардед, бигу: чӣ касе соҳиби осмонҳои ҳафтгона ва соҳиби арши бузург аст? Хоҳанд гуфт: аз они Худост!. Бигӯ: пас чаро парҳизгорӣ пеша намегиред (ва худро аз фарҷоми ширк ва куфр ва нофармонӣ нисбат ба Худо ба дур намедоред) бигӯ: оё чӣ касе фармондеҳи бузурги ҳамаи чизҳоро дар даст дорад? Ва паноҳ медиҳад (ҳар касро, ки бихоҳад) ва касеро (наметавон) аз (азоби) ӯ паноҳ дод. Агар фаҳмида ва огоҳед?! Хоҳанд гуфт: аз они Худост! бигӯ: пас чӣ гуна гули (ҳаво ва ҳавасу васвасаҳои шайтонро) мехуред ва ингор ҷодӯ мешавед".

Чунин посухҳое аз тарафи мушрикин нишон медиҳад, ки онон рубубияти Худованд мутаъолро дар ҳастӣ ва тадбири умур мепазируфтанд ва ба он имон доштанд ва лозимаи ин имон ин буд, ки фақат Худоро ибодат карда ва дар ибодати худо касеро шарики ӯ накунанд, аммо онон мункири бахши дигари тавҳид, яъне "тавҳиди улуҳият" буданд ва ба ҳамин хотир Қуръон ононро мушрик медонад.

### Дуввум: Тавҳиди Улуҳият

Маънои "тавҳиди улуҳият" инаст, ки бандагӣ ва хузуъу итоъати комил ва бе чуну чаро фақат барои Худованди мутаъол бошад ва фарди муътиқид ба ин тавҳид бо ҷуз Худованд ҳеҷ шахси дигареро ибодат накарда ва дар замин ва осмон шарике барои вай нагирад. Тавҳиди комил замоне ба анҷом мерасад, ки тавҳиди улуҳият ҳамроҳи тавҳиди рубубият пазируфта шавад, зеро тавҳиди рубубият ба танҳойи барои наҷот

[1] : Сураи Муминун 88-89

кофӣ нест ва Арабҳои мушрик бо вуҷуде, ки онро пазируфта буданд, аммо ба доираи Ислом ворид нашудаан ва бар куфри худ боқӣ монданд, зеро бидуни далели саҳеҳ барои Худо шарик қоил буда ва худоёни дигареро ба ҳамроҳи Худои ҳақиқӣ мепарастиданд, ба ин гумон, ки ин худоён онҳоро ба Худои ҳақиқӣ наздик карда ва ё назди ӯ барояшон шафоъат кунанд.

Масеҳиён низ мункири ин набуданд, ки Парвардигори осмонҳо ва замин Аллоҳ аст, аммо Исои Масеҳр (а)ро шарики вайದониста ва ғайр аз Худо ӯро низ Худо медонистанд. Ба ҳамин далел дар меъёри Қуръон ин Масеҳиён ҳамононди соири куффор дар ҷаҳаннам ҷовидона шуда ва биҳишт бар онон ҳаром шудааст.

Бо гузашти замон мардум аз тавҳиди Улуҳият фосила гирифта ва худоёни мухталиферо ба ғайр аз Худои воқеъи ибодат карданд. Қавми Нуҳ (а) "Вуд" ва "Сувоъ" ва "Яғус" ва "Яъуқ" ва "Наср" ва қавси Иброҳим (а) бутҳои чӯбӣ ва сангӣ ва Мисриёни қадим гӯсоларо, Хиндуҳо гов ва аҳолии сарзамини Сабо хуршед, ситорапарастон ситораҳо, оташпарастон оташ, Арабҳо сангеро ва Масеҳиён Исо ва модари Исо ва донишмандон ва роҳибони худро ибодат карданд. Ин ҳама мушриканд, зеро ибодатро, ки фақат шоистаи Худост барои дигарон анҷом доданд.

Акнун бидонем "ибодат", ки фақат махсуси Худост, ба чӣ маъност?

## Маънои ибодат

Ибодат дорои ду меъноиkomилан вобаста ба ҳам аст. Ба ҳамин далел дар як калима ҷамъ шудаанд ва ин ду маъно иборатанд аз ниҳояти таслим ва ниҳояти муҳаббат. Пас хузуъ ва таслими комил ба ҳамроҳи

муҳаббати комил ба маънои ибодат аст ва муҳаббат бидуни таслим ё таслим бидуни муҳаббат ибодат ба ҳисоб намеояд, ҳатто агар таслим ва муҳаббат бо ҳам ҷамъ гарданд, аммо ба камол нарасанд боз ҳам ибодат нест ва барои маънои маънои ибодати комил таслим ва муҳаббат лозим аст.

## Шеваҳои мухталифи ибодат ва анвоъи он

Ибодат он гуна, ки бисёре аз мардум мепиндоранд, дорои як шева нест, балки анвоъ ва шеваҳои мухталифе дорад, аз ҷумла:

1. Дуъо кардан: яъне расидан ба як нафъ, дур кардани зарар ва бало, пирӯзӣ бар душман ва ё чизи дигарро аз Худаванд хостан. Пас агар чунин дархосте аз таҳи дил аз Худованд хоста шавад, мағзи ибодат ва руҳи он анҷом шудааст ва дар ҳадис омадааст, ки "дуъо айни ибодат аст" ба ривояти Тирмизӣ.

2. Анҷоми маросими динӣ: манонди намоз, рӯза, садақа, ҳаҷ, назр, қурбонӣ ва корҳое монанди он, ки саҳеҳ нест чунин аъмоле барои ғайри Худо анҷом шавад.

3. Итоъати дини комил дар баробари аҳкоме, ки Худованд баён намуда ва эътироф ба ҳаққоният шариъати ӯ, ки дар он умуреро ҳалол ва умуреро ҳаром карда ва барои бархе корҳо ҳудуде қарор дода ва барои асоси он низоми зиндагиро сомон бахшидааст, пас барои касе, ки Худоро Парвардигори худ медонад, ҷоиз нест низоми зиндагӣ, аҳком, арзишҳо ва қавонини онро аз башар бигирад ва дар баробари он таслим шавад ва дар зиндагии худ мутобиқи онҳо ҳукм кунад, магар ин ки далеле аз ҷониби Худованд барои он мавҷуд бошад, пас ин масъала ҳам навъи ибодат аст.

## Аҳамияти "Тавҳиди Улуҳият"

Муҳимтарин ва асоситарин бахши тавҳид, тавҳиди улуҳият аст ва чунон, ки хоҳад омад Паёмбарони гиромӣ бештарин таваҷҷуҳи худро сарфи баёни он намудаанд. Тавҳиди улуҳият ба қадре асосӣ аст, ки ба ҳангоми баёни лафзи тавҳид фақат ин бахш аз он ба зеҳн мерасад.

Ҳамин бахши тавҳид аст, ки Худованд Паёмбарон ва китобҳои осмониро барои баёни он ирсол дошта ва нишонаҳои худро дар офоқ ва нафсҳо барои таҳқиқи он густаронидааст. Ба хотири онаст, ки азоби "ҳоққа" ба ҳақиқат ва азоби "воқъеа" ба вуқуъ пайваст, дафотири ҳисоб ва китоб барои он мунташир ва тарозуи аъмол барои он мустақар гашт ва бозори биҳишт ва ҷаҳаннам барои он барпо шуд.

Ба далели ҳамин бахши тавҳид аст, ки мардум ба шақоватманд ва саъодатманд тақсим гашта, бархе меҳмони боғи биҳишт ва гуруҳе равонаи оташи дардноки ҷаҳаннам гардиданд.

## "لا إله إلا الله" унвони тавҳид

Тавҳиде, ки Паёмбарон овардаанд, дорои унвоне аст, ки дар як калимаи мухтасар ҳақиқатро таъбир мекунад ва он унвон ҷумлаи "لا إلـــه إلا الله" аст, ки ба калимаи "тавҳид" ё калимаи "ихлос" ва ё калимаи "тақво" номида шудааст.

Ин калимаи боъазамат, сифати Худовандиро аз тамоми ҳалоиқ нафъ мекунад ва онро фақат барои Парвардигори якто исбот мекунад ва мутобиқи он фақат Аллоҳ Худои ҳақиқӣ аст ва ба ҷуз ӯ ҳар чиро, ки мардум дар замонҳои мухталиф ибодат кардаанд, худоёни беарзиш ва ботил ба ҳисоб меоянд, ки сохтаи

дасти ҷаҳолат ва хурофот аст, Худован дар ин бора мефармояд:

﴿ذَلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ هُوَ الْحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدْعُونَ مِنْ دُونِهِ هُوَ الْبَاطِلُ وَأَنَّ اللَّهَ هُوَ الْعَلِيُّ الْكَبِيرُ﴾[1].

"(Масъала) ба ҳамин минвол аст ва Худованд ҳақ аст ва он чиро, ки ба ҷуз ӯ ба фарёд мехонанд ва парастиш менамоянд, ботил аст ва Худованди воломақом ва бузургвораст".

Илоҳ, яъне маъбуди ҳақиқӣ ва маҳбуби мавриди итоъат ва касе, ки шоистааст ибодат шавад, чун дорои сифоти камол аст ва ба хотири доро будани ин сифот лозим аст ниҳояти муҳаббат ва ниҳояти таслим ба ӯ ихтисос дода шавад ва вуҷуджи ин ду ҳолат ба маънои ибодат аст. Тибқи баёни шайхул-ислом Ибни Таймия "إله" иборат аст аз касе, ки дилҳо асири муҳаббати ӯ буда ва дар баробари ӯ таслим шуда ва хору залил гардидаанд, аз ӯ тарсида ва ба ӯ умед доранд, дар сахтиҳо ба ӯ руҷуъ карда ва дар умури муҳим ба фарёдаш хонанад ва дар корҳои наку бар ӯ таваккал кунанд, ба ӯ паноҳ бурда ва бо ёди ӯ ба итминон ва бо муҳаббати ӯ ба оромиш расанд..."

Бисёр равшан аст, ки чунин касе бо чунин сифоте фақат Худованд мебошад ба ин хотир аст, ки "لا إلــه إلا الله" содиқтарин ва бартартарин гуфтор аст. Асоси ҳар амр ва волотарин некиҳост. Дар ҳадисе аз Паёмбар (с) ривоят шуда, ки фармуд: "бартарин каломе, ки ман ва Паёмбарони қабл аз ман гуфтаанд, "لا إله إلا الله" аст".

### Тавҳид аввалин вазифаи Паёмбарон

Ба далели аҳамияти тавҳид ва ҷойгоҳи асосии он дар ҳамаи адёни осмонӣ аввалин унсури даъвати ҳамаи

[1] : Сураи Ҳаҷ 22

Паёмбарон аз Нуҳ (а) то Муҳаммад (с) ҳамон тавҳид будааст.

Аввалин вазифаи Паёмбарон, ки Худованд ононро барои ҳидояти бандагони худ баргузида буд, дар ду амри асосӣ намудор мешавад, ки ин ду амр пурракунандаи якдигаранд:

1. Даъват ба ибодати Парвардигори якто.
2. Даъват ба дӯрӣ аз тоғут.

Қуръони Карим дар ин бора мефармояд:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولًا أَنْ اُعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ ﴾[١].

"Мо дар миёни ҳар миллате Паёмбаре фиристодем (ки ба мардум эълон кунанд) ки Худоро бипарастед ва аз тоғут (шайтон, бутҳо ва ситамгарон) дӯрӣ кунед".

Худованд дар ояти дигаре хитоб ба Паёмбарон мефармояд:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلَّا نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِي ﴾[٢].

"Мо пеш аз ту ҳеҷ Паёмбареро нафиристодем магар ин, ки ба ӯ ваҳй кардаем, ки маъбуде ҷуз ман нест, пас фақат маро парастиш кунед".

Ба ҳамин далел аст, ки мебинем аввалин сухани ҳар Паёмбаре бо қавмаш ин буд, ки "эй қавми ман! танҳо Худовандро бипарастед, зеро ҷуз ӯ Худои дигаре надоред".

Қуръони Карим аз забони Нӯҳ ва Ҳӯд ва Солеҳ ва Шуъайб (а) ва ғайра ҳамин каломро нақл кардааст. Нӯҳ (а), ки аввалин Паёмбарони фиристодашуда ба сӯйи мушрикин аст, ба қавми худ мегӯяд:

﴿إِنِّي لَكُمْ نَذِيرٌ مُبِينٌ أَنْ لَا تَعْبُدُوا إِلَّا اللَّهَ﴾[٣].

---

[1] : Сураи Наҳл 36

[2] : Сураи Анбиё 25

[3] : Сураи Ҳуд 25-26

"(Нӯҳ ба қавми худ гуфт) ман бимдиҳандаи (шумо аз азоби Худо ва) баёнгари (роҳи наҷот ) барои шумо мебошам, (пас) ҷуз Аллоҳ кас ва чизи дигареро напарастед".

Исои Масеҳ писари Марям, ки қавмаш пас аз ӯ вайро худое гирифтанд ва ибодаташ карданд мегуфт:

﴿يَابَنِي إِسْرَائِيلَ اعْبُدُوا اللَّهَ رَبِّي وَرَبَّكُمْ إِنَّهُ مَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ اللَّهُ عَلَيْهِ الْجَنَّةَ وَمَأْوَاهُ النَّارُ وَمَا لِلظَّالِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ﴾[1].

"Исо гуфтаст: эй Бани Исроил! Худои ягонаеро бипарастед, ки Парвардигори ман ва Парвардигори шумост, бегумон ҳар кас шарике барои Худо қарор диҳад, Худо биҳиштро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳи ӯ оташ аст ва ситамгорон ёру ёваре надоранд".

Аммо даъвати хотами Паёмбарон, Муҳаммад (с) ба сӯйи тавҳид ва иҷтиноб аз тоғут бисёр ошкор, қавитар ва амиқтар ва ҷовидонатар буда ва ин масъала дар Қуръон ва Суннат ба вузуҳ ба чашм мехурад ва дар манҳаҷ ва аҳкому одоб ва ахлоқи Исломӣ таҷаллӣ ёфтааст.

## Тавҳид шиъори Ислом

Аз ҷумлаи нишонаҳои таваҷҷуҳи бисёр зиёди Ислом ба тавҳид инаст, ки онро бо унвони шиъори худ баргузида ва ба он васила аз ҳама адёни дигар аз ҷумла "бутпарастӣ" ва адёни мунҳарифи аҳли китоб ҷудо шудааст, ба сурате, ки иборати "**дини тавҳид**" ба машҳуртарин сифати Ислом табдил гаштааст ва унвони Ислом низ дар ду калима ё ду ҷумла таҷассум ёфта ва ҳар кас, ки он дуро ба забон ҷорӣ созад, ба дини Ислом ворид мешавад, он ду калима иборатанд аз: "أشهد أن لا إله إله الله" ва "أشهد أن محمدا رسول الله".

[1] : Сураи Моида 72

Баёни тавҳид дар Ислом чунон муҳим аст, ки ба шиъри рӯзона табдил шуда ва ҳатто ҳар фарди мусалмон бояд дар намоҳҳои фарзи худ нуҳ бор дар ташаҳҳуд ва панҷ бор дар иқомати онро такрор кунад. Ислом ба ин ҳам иктифо накарда ва ин шиъори тавҳидиро дар азони низ қарор дода то ҳар рӯз панҷ бор аз болои минбарҳои масоҷид нидои "أشهد أن لا إله إلـــه الله" барои ҳамаи ҷаҳониён эълом шавад.

Аз ҷумлаи барномаҳои зарифи Ислом инаст, ки барои падарӣ, ки соҳиби фарзанд мешавад, суннат қарор дода то бо бонги азо дар гӯши рости фарзанд ва бо бонги иқомат дар гӯши чапи ӯ ба истиқболи милоди ӯ равад, то нидои тавҳид аввалин садое бошад, ки ба гӯши навзод мерасад.

Ва низ баъд аз он, ки ба миқдори муқаддар зиндагиро гузаронд ва мавъиди марг ӯро фаро расид, бар дӯстон ва наздикони ӯ лозим аст, ки калимаи тавҳид "لا إله إلا الله"ро бар ӯ талқин кунанд.

Бар ин асос "калимаи тавҳид" аввалин чизест, ки ба василаи он фарди мусалмон нӯри зиндагиро дарёфт медорад ва охирин чизест, ки бадон васила зиндагиро ба поён мебарад ва равшан аст, ки дар фосилаи миёни гаҳвораи туфулият ва бистари марг низ вазифае ҷуз барпои тавҳид ва даъват ба сӯйи он барои фарди мусалмон вуҷуд надорад.

## Тавҳид ҳаққи Худо бар бандагон

Аз мавориде, ки аҳамияти тавҳидро таъкид мекунад инаст, ки Паёмбар (с) фармуданд, ки тавҳид ҳаққи Худо бар бандагон аст ва набояд онро нодида гирифт ё аз он ғафлат шавад.

Имом Бухорӣ ва Муслим аз Муъоз бин Ҷабал (р) ривоят кардаанд, ки мегӯяд: "Ба ҳамроҳи Паёмбар (с)

савор бар дарозгӯше будам, ки фармуд: "Эй Муъоз! Оё медонӣ ҳаққи Худо бар бандагон ва ҳаққи бандагон бар Худо чист?" гуфтам: Худо ва Расулаш донотаранд! Фармуд: "Ҳаққи Худо бар бандагон инаст, ки ӯро ибодат карда ва чизеро шарики вай нагардонанд ва ҳаққи бандагон бар Худованд инаст, ки агар касе барои вай шарик қарор надиҳад, ӯро азоб надиҳад". Гуфтам: эй Расули Худо! Оё мардумро ба ин муждаи башорат диҳам? Фармуд: "На, зеро дар ин сурат дар аъмол кутоҳӣ мекунанд".

Далел ин, ки Худованд бар мардум чунин ҳаққе дорад, инаст, ки Худованди мутаъол инсонро аз адам ҳалқ карда ва бо наъматҳои бешумори вайро ёрӣ намуда, хуршеду моҳ ва шабу рӯзро барои хидмати вай мусаххар карда ва ба вай ақл ва қудрати баён арзонӣ дошта аст.

Пас аз ҷумлаи ҳуқуқи Худо, ки холиқу рӯзиросон ва бахшандаву раҳнамо ва раҳмону раҳим аст, инаст ки шукргузорӣ шуда ва мавриди носипосӣ қарор нагирад, ба ёд оварда шавад ва фаромӯш нашавад ва итоъат гардад ва нофармонӣ нашавад.

Ба ҳамин хотир баёни ҳақиқат ва таъкиди он аввалин супоришест, ки дар васиятҳои даҳгонаи Қуръон баён шудааст. Ин васиятҳо, ки ба "**ҳуқуқи даҳгона**" номида шуда ва чунин оғоз мешавад:

﴿وَاعْبُدُوا اللَّهَ وَلَا تُشْرِكُوا بِهِ شَيْئًا وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَانًا﴾[1].

"Танҳо Худоро ибодат кунед ва (бас ва ҳеҷ кас ва) ҳеҷ чизеро шарики ӯ макунед ва бо падару модар некуйи кунед".

[1] : Сураи Нисо 36

Ояти дигар низ, ки ҷузъи оёти муҳками[1] Қуръон аст ва муштамили бар ҳамон васиятҳои даҳгона низ ҳаст дар сураи Анъом чунин омадааст:

﴿قُلْ تَعَالَوْا أَتْلُ مَا حَرَّمَ رَبُّكُمْ عَلَيْكُمْ أَلَّا تُشْرِكُوا بِهِ شَيْئًا وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَانًا﴾[2].

"Бигӯ: биёед чизҳоеро бароятон баён кунам, ки Парвардигоратон бар шумо ҳаром намудааст, ин ки ҳеҷ чизеро шарики Худо накунед ва ба падару модар некӣ кунед".

Ба ҳамон сурат чунин супорише дар сураи Исро зимни оёте, ки мавриди ҳикматро баён мефармояд, омада ва чунин оғоз мешавад:

﴿لَا تَجْعَلْ مَعَ اللَّهِ إِلَهًا آخَرَ فَتَقْعُدَ مَذْمُومًا مَخْذُولًا وَقَضَى رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ وَبِالْوَالِدَيْنِ إِحْسَانًا[3].

"(Эй инсон!) бо Худои ягона, Худои дигар қарор мадеҳ (ва маъбуди худро мадон ва ба фарёр махон), ки накуҳида ва забун шавӣ. (эй инсон!) Парвардигорат амр кардааст, ки ҷуз ӯро напарастед ва ба падару модар некӣ кунед".

## Тавҳид барнома ва ҳадафи фарди мусалмон дар зиндагӣ

Рафшан аст, ки агар оғози зиндагии фарди мусалмон бо тавҳид ва поёни он ҳам бо тавҳид аст, пас вазифаи ӯ дар фосилаи миёни маҳди вилодат ва бистари марг низ ҳамон иқомаи тавҳид ва фарохонӣ ба он аст.

Худованди мутаъол дар баёни вазифае, ки ду гуруҳи мукаллафи Инс ва Ҷинро барои он халқ кардааст, мефармояд:

---

[1] : Оёти муҳкам дар муқобили оёти муташобеҳ аст ва ба оёте гуфта мешавад, ки қобили таъвил набуда ва фақат як маъноро дар бар дорад. (мутарҷим)

[2] : Сураи Анъом 151

[3] : Сураи Исро 22-23

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِي مَا أُرِيدُ مِنْهُم مِنْ رِزْقٍ وَمَا أُرِيدُ أَنْ يُطْعِمُونِي﴾[1].

"Ман парӣ ва инсонро ҷур барои парастиши худ наёфаридам, ман аз онон на дархости ҳеҷ гуна ризқу рӯзӣ мекунам ва на мехоҳам, ки маро хурок диҳанд".

Ин ояти карима баён медорад, ки Худованди субҳон инсонҳоро ва ҷинниҳоро фақат ба ин хотир халқ карда, ки танҳо ӯро парастида ва барояш шарик нагиранд ва дар асл ҳадаф ва ҳикмати халқи онҳо ҳамин аст. Худованд ононро халқ накарда, ки ҳамонанди чаҳорпоён бидуни шинохти Парвардигор ва бидуни қадрдонӣ аз ӯ бихуранд ва баҳра бибаранд ва ҳеҷ ибодате барои ӯ анҷом надиҳанд ва дар муқобилаш хушуъ ва зорӣ надошта бошанд.

Пас агар касе зиндагии худро ба сар барад ва ҳадафи хилқт ва вазифаи зиндагии худро, ки ҳамон ибодати Парвардигори яктост, анҷом надиҳад, ба таври қатъӣ мақоми инсонҳои оқил ва мукаллафро аз даст дода ва монанди чаҳорпоён ва балки гумроҳтар аз онон хоҳад шуд.

## Иблоғи тавҳид вазифаи уммати Ислом

Ҳамон гуна, ки тавҳид рисолати инсони мусалмон дар зиндагист, рисолати уммати Исломӣ низ ҳаст, ки онро ба ҳамаи ҷаҳон ва ҷаҳониён иблоғ кунад. Ба ҳамин далел аст, ки Паёмбари гиромӣ паёми худро, ки барои подшоҳони Кисрову Қайсар ва Рум ва соири подшоҳон ва амирони замин фиристод, бо ин ҷумлаи Қуръонӣ ба поён мерасонд:

﴿قُلْ يَاأَهْلَ الْكِتَابِ تَعَالَوْا إِلَى كَلِمَةٍ سَوَاءٍ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ فَإِنْ تَوَلَّوْا فَقُولُوا اشْهَدُوا بِأَنَّا مُسْلِمُونَ﴾[2].

[1] : Сураи Зориёт 56-57
[2] : Сураи Оли Имрон 64

"Бигӯ: эй аҳли китоб! Биёед ба сӯйи сухани додгаронае, ки миёни мо ва шумо муштарак аст (ва ҳама онро бар забон меронем), ки ҷуз Худованди ягонаро напарастем ва чизеро шарик ӯ накунем ва бархе аз мо бархи дигареро ба ҷойи Худованди ягона ба Худойи напазирем, пас ҳаргоҳ (аз ин даъват) сар бартобанд, бигӯед: гувоҳ бошед, ки мо таслими (авомир ва навоҳии Худо) ҳастем".

Асҳоби Паёмбар (с), ки ризвони Худо насиби онон бод ва пайравони некравиши онон низ ин рисолати муҳим ва вазифаи худро дар баробари он ба хубӣ медонистанд, аз ин рӯ ҳангоме, ки Рустум, фармондеҳи сипоҳи Иронӣ аз Рибъӣ бин Омир, намояндаи лашкари Ислом дар ҷанги "Қодсия" пурсид, ки шумо чӣ касоне ҳастед ва хостаи шумо чист? Дар посӯх гуфт: "Мо қавме ҳастем, ки Худованд баргузида то мардумро аз бандагии бандагон ба сӯйи бандагии Парвардигори якто ҳидоят карда ва аз тангнои дунё ба васеъгии он ва аз ҷаври адён ба тарафи адли Ислом раҳнамуд созем".

### Тавҳид чӣ гуна таҳаккуқ меёбад?

Тавҳиде, ки Паёмбарон аз ҷониби Худо овардаанд ва Ислом ба исбот ва таъкид ва ҳимояти он таваҷҷуҳ намудааст, таҳаққуқ пайдо нахоҳад кард ва решаҳои он устувор нахоҳад гашт ва шохаҳои он рушд нахоҳад кард, магар ин ки унсурҳои зер барои он фароҳам шавад.

Унсури аввал: Холис гардонидани ибодат барои Худованди якто.

Унсури дуввум: Кофир донистани ҳамаи тоғутҳо ва изҳори безорӣ за ҳамаи касоне, ки ононро ибодат карда ва ё ба сарпарастӣ гирифтаанд.

Унсури саввум: Парҳез аз тамоми ашкол ва рангҳои ширк ва бастани роҳҳои нуфузи он.

Ҳоло ба тавзеҳи ин се унсур мепардозем.

**Аввал: Ибодат холис барои Худо**

Ба ин маъно, ки тамоми ҳуқуқи Худовандӣ ба таври комил ба ӯ дода шавад монанди: таъзим, муҳаббат ва таслими мутлақ. Ва ин ибодати холис ба василаи се амри зер собит мегарданд:

1: Инсоне, ки муддаъии яктопарастист, набояд ҳеҷ шахсеро ҳамонанди Худованд таъзим намояд. Худованд фармудааст:

﴿قُلْ أَغَيْرَ اللَّهِ أَبْغِي رَبًّا وَهُوَ رَبُّ كُلِّ شَيْءٍ﴾[1].

"Бигӯ: Оё (сазовор аст, ки) Парвардигоре ҷуз Худоро талаб кунем ва ҳоло он, ки ӯ Парвардигори ҳар чиз аст".

Пас тибқи ин оят тамоми арбобони ғайри Худое, ки мардум ибодат мекунанд ва ё онҳоро таъзим мекунанд, бояд нобуд шаванд, чӣ аз ҷинси санг ҳастанд ё ҷинси башар. Ба ҳамин сабаб даъвати Паёмбар (с) барои подшоҳон ва амирон ин буд, ки:

﴿أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ﴾[2].

"Ки ҷуз Худои ягонаро напарастем ва чизеро шарики ӯ накунем ва бархе аз мо бархи дигарро ба ҷойи Худованди ягона ба Худойи напазирем".

2. Инсоне, ки муддаъии яктопарастӣ аст, набояд ғайр аз Худованд сарпарасте дошта бошад, ки ӯро ба андозаи Худо дӯст бидорад.

﴿قُلْ أَغَيْرَ اللَّهِ أَتَّخِذُ وَلِيًّا فَاطِرِ السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضِ﴾[3].

"Бигӯ: Оё ғайри Худоро маъбуд ва ёвари худ бигирем? Дар ҳоле, ки ӯ офаринандаи осмонҳо ва замин аст". Ва низ фармудааст:

﴿وَمِنْ النَّاسِ مَنْ يَتَّخِذُ مِنْ دُونِ اللَّهِ أَندَادًا يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ اللَّهِ﴾[1].

---

[1] : Сураи Анъом 164

[2] : Сураи Оли Имрон 164

[3] : Сураи Анъом 14

"Бархе аз мардум ҳастанд, ки ғайр аз Худо, худогунаҳои бармегузинанд ва ононро ҳамчун Худо дӯст медоранд ва касоне, ки имон овардаанд, Худоро сахт дӯст медоранд (ва болотар аз ҳар чиз ба ӯ ишқ меварзанд".

Ва дар дунболаи ҳамин оят фармудааст:

﴿كَذَلِكَ يُرِيهِمُ اللَّهُ أَعْمَالَهُمْ حَسَرَاتٍ عَلَيْهِمْ وَمَا هُمْ بِخَارِجِينَ مِنَ النَّارِ﴾[2].

"Ин чунин Худованд кирдорҳояшонро ба гунае ҳасратзо ва андуҳборе нишони эшон медиҳад ва онон ҳаргиз аз оташ (дузах) берӯн нахоҳанд омад".

Аз ин оёт равшан мешавад, ки куффор ва мушрикин худоёни сохтагӣ ва дӯстони худро чуно дӯст дошта ва дар баробарашон таслим буда ва таъзимашон кардаан, ки ҷуз барои Худованд ҷоиз нест, он гуна аъмоле анҷом шавад.

Шайхул-ислом Муҳаммад бин Абдулваҳҳоб дар бораи ин оёт фармуда аст: "Худованд баён карда, ки онон худоёни сохтагиро ба андозаи Худованди якто дӯст доштаанд. Ва аз ин ҷо собит мешавад, ки онон Худовандро низ бисёр дӯст доштаанд, аммо ин муҳаббат сабаби ворид шуданашон ба доираи Ислом нашудааст. Пас дар ин сурат вазъияти касоне, ки худоёни ботилро бештар аз Худовади ҳақиқӣ дӯст доранд, чӣ хоҳад буд? Ва касе, ки Худовандро дӯст надошта, балки фақат худоёни ботилро дӯст медорад, чӣ саранҷоми шӯме хоҳад дошт?!".

Лозимаи тавҳид онаст, ки инсон муҳаббати худро барои Худованд холис гардонад ва ҳеҷ ёвар ва сарпарастеро ҳамонанди Худованд дӯст надорад, пас вилоят махсуси Худованд аст:

﴿أَمِ اتَّخَذُوا مِنْ دُونِهِ أَوْلِيَاءَ فَاللَّهُ هُوَ الْوَلِيُّ وَهُوَ يُحْيِي الْمَوْتَى وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾[3].

---

[1] : Сураи Бақара 165

[2] : Сураи Бақара 167

[3] : Сураи Шӯро 9

"(Ситамгарон ва кофирон) касе ҷуз Худоро ба сарпарастӣ гирифтанд, дар сурате, ки сарпараст ӯст ва ӯ мурдагонро зинда мегардонад ва ӯ бар ҳама чиз тавоност".

3. Инсоне, ки муддъии яктопарастӣ аст, набояд ҷуз Худованд қонунгузоре дошта бошад ва набояд ҳамонанди Худованд аз ӯ итоъат кунад, Худованд дар ин бора чунин мефармояд:

﴿أَفَغَيْرَ اللَّهِ أَبْتَغِي حَكَمًا وَهُوَ الَّذِي أَنزَلَ إِلَيْكُمُ الْكِتَابَ مُفَصَّلًا﴾[1].

"Оё ҷуз Худоро (миёни худ ва шумо) қозӣ кунам? Дар ҳоле, ки ӯст ки китоби (осмонии Қуръон)ро барои шумо нозил карда ва (ҳалол ва ҳаром, ҳақ ва ботил, ҳидоят ва залолат) дар он тафсил дода шудааст".

Ин қазия ба он далел аст, ки танҳо касе, ки ҳаққи қазоват ва қонунгузорӣ дар масоили марбут ба бандагӣ ва умури дин ва дунёи ононро дорад, фақат Худованди яктост, ки ба вазъияти махлуқоти худ доно ва нисбат ба онон меҳрубон ва ба масолеҳ ва мафосиди онон огоҳ аст:

﴿أَلَا يَعْلَمُ مَنْ خَلَقَ وَهُوَ اللَّطِيفُ الْخَبِيرُ﴾[2].

"Магар касе, ки (мардумонро) офарид (ҳол ва вазъи эшонро) намедонад, дар ҳоле, ки ӯ дақиқ ва борикбин ва бисёр огоҳ аст".

Ба ҳамин ҷиҳат Қуръони Карим муқаррар фармуда, ки ҳукм ба маънии қонунгузорӣ фақат махсуси Худованд бошад, дар Қуръон чунин мехонем:

﴿إِنْ الْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ أَمَرَ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ ذَلِكَ الدِّينُ الْقَيِّمُ وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ﴾[3].

"Фармонравоӣ азони Худост ва бас. Худо дастӯр додааст, ки ҷуз ӯро напарастед. Инаст дини рост ва собите (ки далелҳо ва бурҳонҳои ақлӣ ва нақлӣ пуштибони он аст) вале бештари мардум намедонанд".

---

[1] : Сураи Анъом 114

[2]: Сураи Мулк 14

[3]^ Сураи Юсуф 40

Қуръон дар як мавзеъгирии шадидтар қазоватро ба назди ғайри Худо ва Расул бурдан ва қонуни ғайри Худоеро муътабар шумурдан, хуруҷ аз ҳақиқати имон диниста ва онро итоъати шайтон медонад:

﴿أَلَمْ تَرَ إِلَى الَّذِينَ يَزْعُمُونَ أَنَّهُمْ آمَنُوا بِمَا أُنزِلَ إِلَيْكَ وَمَا أُنزِلَ مِنْ قَبْلِكَ يُرِيدُونَ أَنْ يَتَحَاكَمُوا إِلَى الطَّاغُوتِ وَقَدْ أُمِرُوا أَنْ يَكْفُرُوا بِهِ وَيُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَنْ يُضِلَّهُمْ ضَلَالًا بَعِيدًا وَإِذَا قِيلَ لَهُمْ تَعَالَوْا إِلَى مَا أَنزَلَ اللَّهُ وَإِلَى الرَّسُولِ رَأَيْتَ الْمُنَافِقِينَ يَصُدُّونَ عَنْكَ صُدُودًا﴾[1].

"(Эй Паёмбар!) оё таъаҷҷуб намекунӣ аз касоне, ки мегуянд, ки онон ба он чӣ бар ту нозил шуда ва пеш аз ту нозил шуда, имон дорад (вале бо вуҷуди ин даъво ҳангоми ихтилоф) мехоҳанд довареро ба пеши тоғут бибаранд. Дар ҳоле, ки ба онон фармон дода шуда, ки ба тоғут куфр варзанд. Аҳриман мехоҳад, ки эшонро ба гумроҳии шадиде мубтало созад. Ва замоне, ки ба эшон гуфта шавад: ба сӯйи чизе биёед, ки Худованд онро (бар Муҳаммад) нозил кардааст ва ба сӯйи Паёмбар рӯй оваред, мунофикинро мебинӣ, ки сахт аз ту ругардон мешаванд".

## Дуввум: Кофир донистани тоғутиён

Унсури аввал барои таҳқиқи тавҳид ҳамон холис гардонидани ибодат барои Худо буд ва баён шуд, ки бояд таъзим ва муҳаббат ва итоъати комилро, ки фақат махсуси Худованд аст ҳаққи холиси ӯ донист.

Аммо унсури дуввум, кофир донистани тоғутҳо ва безорӣ ҷустан аз ҳама касонест, ки барои тоғут ибодат карда ва ё онро ба сарпарастӣ гирифтаанд. Ин масъала ба қадре муҳим аст, ки дар бархе оёти Қуръон куфт ба тоғут бар имони ба Худованд муқаддам шудааст, монанди ояти зер, ки мефармояд:

﴿فَمَنْ يَكْفُرْ بِالطَّاغُوتِ وَيُؤْمِنْ بِاللَّهِ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَى﴾[2].

---

[1] : Сураи Нисо 60-61

[2] : Сураи Бақара 256

"Бинобарин касе, ки аз тоғут нафармонӣ кунад ва ба Худо имон оварад, ба маҳкамтарин дастовез даровехтааст (ва ӯро аз суқут ва ҳалокат мераҳонад ва) аслан гусастан надорад".

Паёмбар низ дар ин бора чунин мефармояд: "Касе, ки "لا إلـه إلا الله" бигӯяд ва ба ҳамаи худоёни дигар куфр варзад, ҷону молаш ҳаром ва ҳисобу китобаш бар уҳдаи Худованд хоҳад буд"[1].

Ба таваҷҷуҳ ба ин оят ва ҳадис равшан мешавад, ки фақат иқрор ба калимаи тавҳид сабаби ҳифзи ҷону мол нест, балки бояд куфр ба худоёни дуруғин низ шомили он шавад.

Ин бадон хотир аст, ки ашёи ба василаи аздоди худ шинохта мешаванд, пас имони ба Худои ягона фақат замоне муҳаққиқ мешавад, ки куфр ба ботил ва безорӣ аз аҳли он ба ҳамроҳаш бошад.

Ва бар ҳамин асос буд, ки пешвои аҳли тавҳид – Иброҳим (а)- безорӣ ва бароъати худро аз бутҳои қавми худ ошкор кард ва душманиии худро бо онон эълом намуд, Худованд дар ин бора чунин фармудааст:

﴿وَإِذْ قَالَ إِبْرَاهِيمُ لِأَبِيهِ وَقَوْمِهِ إِنَّنِي بَرَاءٌ مِمَّا تَعْبُدُونَ إِلَّا الَّذِي فَطَرَنِي فَإِنَّهُ سَيَهْدِينِي﴾[٢].

"Вақте Иброҳим ба падар ва қавми худ гуфт: ман аз маъбудоне, ки мепарастед безорам, ҷуз он маъбуде, ки маро офарида аст, чаро ки ӯ маро (ба ҳақ) раҳнамуд хоҳад кард".

Ва низ фармудааст, ки:

﴿قَدْ كَانَتْ لَكُمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ فِي إِبْرَاهِيمَ وَالَّذِينَ مَعَهُ إِذْ قَالُوا لِقَوْمِهِمْ إِنَّا بُرَآءُ مِنْكُمْ وَمِمَّا تَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ كَفَرْنَا بِكُمْ وَبَدَا بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةُ وَالْبَغْضَاءُ أَبَدًا حَتَّى تُؤْمِنُوا بِاللَّهِ وَحْدَهُ﴾[٣].

"(Рафтор ва кирдори) Иброҳим ва пайравони ӯ улгӯи хубе барои шумост, онгоҳ, ки ба қавми худ гуфтанд: мо аз

[1] : Ривояти Муслим
[2] : Сураи Зухруф 26-27
[3] : Сураи Мумтаҳина 4

шумо ва аз чизҳое, ки бо ғайри Худо мепарастед, безор ва гурезонем ва шуморо қабул надорем ва душманӣ ва кинатузии ҳамешагӣ миёни мо ва шумо падидор омадааст, то замоне, ки ба Худои ягона имон меоваред ва ӯро ба ягонагӣ мепарастед".

Бо ин матолиб мефаҳмем, ки тавҳид ва яктопарастӣ фақат замоне ба ҳадди матлуб мерасад, ки унсури имон ба Худованд ва ибодати ӯ бо унсури куфр ба тоғут ва безорӣ аз ёрони ӯ тавъам ҳам бошанд ва ба ҳамин хотир паёми ҳамаи Паёмбарон барои ақвом ин буда:

﴿أَنْ اُعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ﴾[1].

"Ки Худовандро ибодат кунед ва аз тоғут дӯрӣ ҷӯед".

### Маънои тоғут чист?

Тоғут калимаест, ки аз решаи "туғён" ба маънои таҷовуз аз ҳад гирифта шудааст ва ибороти донишмандони гузашта дар ин бора мутафовит аст. Умар (р) фармудааст, ки: "Тоғут ҳамон шайтон аст". Ҷобир (р) фармудааст, ки: "тоғут ҳамон коҳиноне ҳастанд, ки шайтон бар онон нозил мешавад" ва Молик фармуда: "тоғут иборат аст аз ҳар чизе, ки ба ҷойи Худо ибодат шавад".

Ҳар кадоме азин таърифҳо фақат баёнгари намунаҳое аз тоғут аст ва ҳама мавридҳои онро шомил намешавад ва дақиқтарин таъриф барои "тоғут" ҳамон аст, ки имом Ибни Қайм (р) баён фармудааст. Эшон мегӯяд: "Тоғут иборат аз ҳар чизест, ки бандагон ба сабаби он аз худуди худ хориҷ мешаванд, монанди ин ки маъбуд ё матбуъ ва ё мавриди итоъат қарор гиранд". Пас "тоғут"и ҳар қавме афроде ҳастанд, ки ҳукми онҳо хориҷ аз барномаи Худо ва Расулаш пазируфта шавад, ё ба ҷойи Худо ибодат шаванд, ё бидуни далел худое аз онҳо

---

[1] : Сураи Наҳл 36

пайравӣ шавад, ё аз рӯйи ҷаҳл дар умури аз онҳо итоъат кунанд, ки надонанд хоси Худост.

Инҳо тоғутҳои ҷаҳон ҳастанд, ки агар дар ин маворид ва дар вазъияти мардум таъаммул кунӣ, хоҳӣ дид, ки бештари мардум аз ибодати Худо ва Расул мунҳариф шуда ва ба итоъати тоғутҳо ва тоғутиён гароиш ёфтаанд.

### Саввум: Ҳифозат аз худ дар баробари ширк ва парҳез аз он

Унсури саввум барои таҳқиқи тавҳид, дӯрӣ аз ширк аст. Пас лозим аст, ки ҳамаи анвоъи он яъне ширки акбар, ширки асғар, ширки ҷалӣ ва шикри хафӣ шинохта шавад, то аз ҳар гуна шоибаи ширк раҳойи ёфта ва нисбат ба роҳҳои нуфуз ва вуруди он ҳушёр бошем.

Ҳамон гуна, ки гуфтем, шинохти ҳар навъ вобаста ба шинохти чизи мутазоди он аст. Пас шинохти тавҳиди холис ва пок низ вобаста ба шинохти зидди он, яъне ширк аст. Акнун бидонем, ки ҳақиқати ширк чист?

### Ширк

Ширк ба ин маъност, ки инсон дар масъалаҳое, ки фақат махсуси Худованд аст, чизи дигареро низ шарики ӯ гардонад. Монанди ин, ки дар ибодат ва итоъат ва кумакхостан ва дӯст доштан ва ғайра, ки фақат махсусм Худост, Худо ё худоёни дигарро низ шарик гардонад.

Чунин амале ширки акбар аст, ки дар сурати ибтило ба он ҳеҷ амали солеҳе пазируфта намешавад. Дар ҳақиқат бо вуҷуди ширк анҷоми амали солеҳ дуруст нест, зеро аввалин шарти қабули амал ва солеҳ будани он, инаст, ки холис барои Худо бошад, Худованд чунин фармуда аст:

﴿فَمَنْ كَانَ يَرْجُوا لِقَاءَ رَبِّهِ فَلْيَعْمَلْ عَمَلًا صَالِحًا وَلَا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِ أَحَدًا﴾[1].

"Пас ҳар кас, ки хоҳони дидори Худои хеш аст, бояд кори шоиста кунад ва дар парастиши Парвардигораш касеро шарик насозад".

Ширк чунон гуноҳе аст, ки ҳаргиз бахшида нахоҳад шуд:

﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَغْفِرُ أَنْ يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَلِكَ لِمَنْ يَشَاءُ﴾[2].

"Бе шак Худованд ширк варзидан ба худро намебахшад ва балки пойнтар аз онро аз ҳар кас бехоҳад (ва салоҳ бидонад) мебахшад".

Ва биҳишт ба шахси мушрик ҳаром аст ва даруни оташ ҷойгоҳ ва манзилгоҳи ӯ хоҳад буд ва ин ҳукми Худованд аст:

﴿إِنَّهُ مَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ اللَّهُ عَلَيْهِ الْجَنَّةَ وَمَأْوَاهُ النَّارُ﴾[3].

"Бегумон ҳар кас шарике барои Худо қарор диҳад, Худо биҳиштро бар ӯ ҳаром кардааст (ва ҳар гиз ба биҳишт гом намениҳад) ва ҷойгоҳи ӯ оташ аст ва ситамгорон ёр ва ёваре надоранд".

## Анвоъи ширк

Ширк ду навъ аст: ширки акбар ва ширки асғар.

Ширки акбар онаст, ки агар касе ба он дучор шавад Худованд ӯро нохоҳам бахшид ва ҳар гиз дохили биҳишт намегардад.

Ва ширки асғар ҳамон гуноҳони кабира аст, ки агар шахс ба он мубтало шавад ва бар анҷоми он исрор варзад (ва ба таври давомдор онро анҷом диҳад) мумкин аст дар ҳоли куфр бимирад, магар ин ки Худованд бо раҳмати худ ӯро дар бар гирад ва қабл аз марг тавба кунад.

---

1 : Сураи Каҳф 110

2 : Сураи Нисо 116

3 ^ Сураи Моида 72

### Ширки акбар

Худ ширки акбар дорои ду навъ аст: ширки ҷалий (ошкор) ва ширки хафий ё пинҳон.

### Мисолҳои ширки ҷалий (ошкор)

Ширки акбар монанди: ибодат кардани худоёни ботил ба ҳамроҳи ибодати Худои ҳақиқӣ. Аз ҷумлаи худоёти ботил метавон ба ситорагон, хуршед, моҳ, анвоъи бутҳои сангӣ в чӯбӣ, гусолаву гов ва ё инсонҳо ишора кард. Монанди касоне, ки Фиръавн ва ё подшоҳони дигареро ибодат мекарданд. Ва ё касоне, ки аз тарафи мардум Худо номида мешаванд ва ё ин, ки худ иддиъои худойи намуданд ва иддаъе аз мардум ба онҳо имон оварданд ва ё касоне, ки "Будо" ё "Масеҳ"ро худо номидаанд ва ибодаташон кардаанд. Ва мумкин аст худои ботил яке аз махлуқоти ғайбӣ монанди: шайтон ва ҷин ва малоика бошад, ки ҳамаи ин маворид дар миёни умматҳои мухталиф пайравоне дорад.

### Мисолҳое аз ширки акбари пинҳон (хафий)

**Аввал**: яке аз мавориди ширки акбари хафий, ки бар бисёре аз пушида аст, садо задан мурдагон ва кумак хостан аз онон аст.

Дархост аз мардагоне, ки қабри онон дорои гунбад ва боргоҳ аст ва назди мардум воломақоманд, ки мардум назди ин қабрҳо рафта ва аз онон кумак хоста ва дархости рафъи ниёзҳо, шифои беморон, кушоиши кор, наҷот аз парешонӣ ва нигаронӣ ва пирӯзӣ ба душман менамоянд, дар ҳоле ки бароварандаи ҳақиқии ин ниёзҳо фақат Худованди якто аст.

Дар воқеъ тибқи баёни имом Ибни Қайм асл ва асоси ширк дар ҷаҳон ин аст, ки мардум муътақид

бошанд мурдагон тавоноии нафъ ва зарар расонданро доранд.

Пинҳон будани ин навъ аз ширки акбар ба ин далел аст, ки:

1. Мардум чунин дуоҳо, ёрихостанҳо ва фарёдҳои залилонаро аз мурдагон, ибодат медонанд, дар ҳоле, ки ҳамон гуна, ки дар ҳадис "الدعا هـــو العبـــادة" зикр гардида, руҳи ибодат ҳамон дуост.

2. Марум мегӯянд, мо ки аз мурдагон кумак мехоҳем ба ин маъно нест, ки ононро Худо ва Парвардигор бидонем, балки муътақидем, ки онон низ ҳамонанди мо махлуқ ҳастанд, аммо ононро восита ва миёнҷӣ байни худ ва Худо медонем. (зеро ононро инсонҳои солеҳ ва наздик ба Худо медонанд).

Чунин боварихо нишон аз ҷаҳли онон дорад, зеро Худоро монанди подшоҳони ҷаббор ва ҳокимони ситамгаре фарз кардаанд, ки ҷуз ба василаи (дажбону муншӣ во ошнову портӣ ва ғайра) ва восита ва шафеъ наметавон назд онон рафт.

Ин навъ нигариш дақиқан ҳамон аст, ки мушрикини гузашта ба он истидлол мекарданд ва дар дифоъ аз худоён ва бутҳояшон чунин мегуфтанд:

﴿مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَا إِلَى اللَّهِ زُلْفَى﴾[1].

"Мо ононро фақат ба ин хотир мепарастем, ки ба Худо наздикамон кунанд".

﴿وَيَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمْ وَلَا يَنْفَعُهُمْ وَيَقُولُونَ هَؤُلَاءِ شُفَعَاؤُنَا عِنْدَ اللَّهِ﴾[2].

"Мушрикон ғайр аз Худо чизҳоеро мепарастанд, ки на ба эшон зиён метавонанд бирасонанд ва на сӯде ва мегӯянд инҳо миёнҷиҳои мо назди Худованд ҳастанд".

Он мушрикин низ ҳаргиз муътақид набуданд, ки худоён ва бутҳои онон халқ мекунанд, рӯзӣ мерасонанд ва

[1] : Сураи Зумар 3

[2] : Сурам Юнус 18

зинда мекунанд ва мемиронанд, балки Худованд ин гуна аз онон хабар медиҳад, ки:

﴿وَلَئِنْ سَأَلْتَهُمْ مَنْ خَلَقَ السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ خَلَقَهُنَّ الْعَزِيزُ الْعَلِيمُ﴾[1].

"Агар аз мушрикон бипурсӣ, ки чӣ касе осмонҳо ва заминро офаридааст, қатъан хоҳанд гуфт: Худованди бо иззат ва бисёр огоҳ".

﴿قُلْ مَنْ يَرْزُقُكُمْ مِنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ أَمَّنْ يَمْلِكُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَمَنْ يُخْرِجُ الْحَيَّ مِنَ الْمَيِّـــتِ وَيُخْرِجُ الْمَيِّتَ مِنَ الْحَيِّ وَمَنْ يُدَبِّرُ الْأَمْرَ فَسَيَقُولُونَ اللَّهُ فَقُلْ أَفَلَا تَتَّقُونَ﴾[2].

"Бигӯ: чӣ касе аз осмон ва аз замин ба шумо рӯзӣ мерасонад? Ё чӣ касе ба гушу чашмҳо тавоност (ва онҳоро меофаранд ва нерӯйи шунавойи ва бинойи медиҳад), ё чӣ касе зиндаро аз мурда ва мурдаро аз зинда берун меоварад? ё чӣ касе умури (ҷаҳониён)ро мегардонад? хоҳанд гуфт: он кас Худост, пас бигӯ: оё наметарсед ва парҳезгор намешавед?".

Аммо мебинем бо вуҷуди ин, ки онон муътақид буданд, ки Аллоҳ холиқи осмонҳо ва замин аст, рӯзирасон ва мудаббир аст ва ҳаёт ва марг ба дасти ӯст ва низ бутҳоро фақат восита ва шафеъ байни худ ва Худо медонистанд, бо ин вуҷуд боз ҳам Худо ононро дар Қуръон мубтало ба ширк induced дониста ва мушрик мехонад ва ба мӯминон дастур медиҳад, ки то замоне, ки ба "لا إلـــه إلا الله" эътироф намекунанд бо онон биҷангананд ва агар касе ба он эътироф кард, хуну моли онҳо ба ҳаққи Ислом маҳфуз хоҳад буд.

Пас бояд донист, ки Худованди мутаъол ба восита ва шафеъ ниёз надорад ва аз раги гардан ба бандагонаш наздиктар аст ва худ фармуда аст:

[1] : Сураи Зухруф 9
[2] : Сураи Юнус 31

﴿وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ﴾[1].

"Ва ҳангоме, ки бандагонам аз ту дар бораи ман бипурсанд, (ки ман наздикам ё дӯр бигӯ) ман наздикам".

﴿وَقَالَ رَبُّكُمْ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ﴾[2].

"Парвардигори шумо мегӯяд: маро ба фарёд хонед, то бипазирам".

Даргоҳи раҳмат ва истиҷобати Худованд барои ҳар кас, ки бихоҳад аз он истифода кунад, боз аст ва ҳеҷ дарбон ва нигаҳбон надорад.

Дуввум: Аз дигар мавориди ширки акбари хафий инаст, ки ғайр аз Худо қонунгузор қарор дода шавад. Намунаи дигаре аз ширки акбари пинҳон, ки бар бисёре аз мардум пушида мондааст, инаст ки касоне ғайр аз Худо қонунгузор ва ҳокими мардум қарор дода шаванд ва ба ибораги дигар аз тарафи мардум ба фард ё гуруҳе аз инсонҳо ҳаққи қонунгузории комил дода шавад, то ҳар гуна, ки худ бихоҳанд барои мардум умуреро ҳалол ва умуреро ҳаром намоянд ва низом ва қавонини зиндагиро барои онҳо таъйин кунанд, ё поягузори барномаҳо ва афкори онон бошанд ва барои ҳамаи инҳо ҳукм ва иҷозати аз Худованд надошта бошанд, ё барномаҳое вазъ намоянд, ки бо шариъати Худо мутазод бошад ва дигарон низ онро ҳамонанди шириъати Худойи, ё ҳукми осмонӣ бидонад, ки бояд итоъат гардад ва бар хилофи он рафтон нашавад.

Аз ин рӯ бояд донист, ки танҳо касе, ки ҳаққи қонунгузорӣ барои бандагонашро дорад, фақат Худованд аст, зеро ӯст, ки онҳоро халқ карда, рӯзӣ дода ва неъматҳои зоҳирӣ ва ботинияшро бар онҳо гусел доштааст. Пас танҳо ҳаққи Худованд аст, ки барои бандагонаш вазифаҳо таъйин намуда, онҳоро ба анҷоми

---

[1] : Сураи Бақара 186

[2] : Сураи Ғофир 60

коре амр ва аз анҷоми кори дигар наҳй кунад ва фақат ҳаққи ӯст, ки барои мардум умуреро ҳалол ва умуреро ҳаром гардонад. Зеро ӯст, ки  Парвардигори мардум, соҳиби онҳо ва Худои онҳост ва касе ҷуз ӯ шоистагии Парвардигорӣ, фармонравоӣ ва Худоиро надошта ва наметавонад ҳамонанди ӯ бошад, то қудрати ҳокимият ва қонунгузориро азони худ кунад.

Тамоми ҷаҳон мулки Худост ва мардум дар ин мамлакат банда ва раъияти ӯ ҳастанд ва фақат ӯст, ки Сайид ва Оқо ва Ҳокими ин мамлакат аст ва лозим аст, ки фақат ӯ ҳукм биронад, қонун таъйин кунад, ҳалол ва ё ҳаром кунад ва мардум низ бояд бишнаванд ва итоъат кунанд.

Пас агар яке аз афроди ин мамлакат даъво кунад, ки касе ғайр аз Худо шоистагии амру наҳй ва ҳалолу ҳаром кардан ва ҳокимият ва қонунгузориро бидуни иҷозати сарпараст ва ҳокими мамлакат дорад, дар воқеъ шахсеро, ки худ бардаи хоким дар умури мамлакат аст, шарики ӯ ва дар қудрат ва ҳокимияту қонунгузорӣ ва фармонравойи рақиби ӯ қарор додааст.

Ҳамин амр боис шуда, ки Худованд дар Қуръони карим аҳли китобро мубтало ба ширк дониста ва ононро мушрик биномад, зеро онон низ ба донишмндони динӣ ва роҳибони худ ҳаққи қонунгузорӣ дода ва дар ҳалолу ҳаром аз оноо пайравӣ мекарданд. Пас Қуръон ин кори ононро ҳамонанди ҳамонанди ибодат кардан барои Масеҳ писари Марям, шарик номидааст ва фармуда:

﴿اتَّخَذُوا أَحْبَارَهُمْ وَرُهْبَانَهُمْ أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ وَالْمَسِيحَ ابْنَ مَرْيَمَ وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا إِلَهًا وَاحِدًا لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ سُبْحَانَهُ عَمَّا يُشْرِكُونَ﴾[1].

"Яҳудон ва тарсоён илова аз Худо, уламои динӣ ва порсоёни худро ҳам ба худойи пазируфтанд (чаро, ки уламо ва порсоён ҳароми Худоро ҳалол мекунанд ва

[1] : Сураи Тавба 31

худсарона қонунигузорӣ менамоянд ва дигарон ҳам аз эшон фармон мебаранд ва суханони ононро дин медонанд ва куркурона ба дунболашон равон мегарданд, тарсонён илова бар он) Масеҳ писари Марямро низ Худо мешумориданд. (дар сурате, ки дар ҳама китобҳои осмонӣ ва аз сӯйи ҳамаи Паёмбарони Илоҳӣ) ба эшон ҷуз ин дастур дода шудааст, ки танҳо Худои ягонаро бипарастанд ва бас. Ҷуз Худо маъбуде нест ва ӯ пок ва муназзаҳ аз ширкварзӣ ва чизҳое аст, ки эшон онҳоро шарик қарор медиҳанд".

Тафсири ин оядро Паёмбари Акрам (с) барои Адий бин Ҳотами Тойи, ки дар замони ҷоҳилият, масиҳӣ буд, баён фармуд. Пас аз ин, ки Адий мусалмон шуд ва аз Расули Худо шунид, ки ин оятро тиловат мекунад, ба Паёмбар(с) арз кард: "эй Паёмбари Худо! Ман, ки худа Масиҳӣ будам медонам, ки онон донишмандон ва роҳибонро ибодат накардаанд", Паёмбар (с) фармуд: "Онон ҳалолро бар эшон ҳаром ва умури ҳаромро бар эшорн ҳалол мекарданд ва мардум низ аз онон пайравӣ мекарданд ва ин ибодати онон аст".

Пас тибқи ояти мазкур ва тафсири Паёмбар (с) агар касе шахси дигареро дар корҳои гуноҳ ва умуре, ки мухолифи назари Худост, итоъат ва пайравӣ кунад, дар воқеъ ӯро Худо ва маъбуди худ ва шарики Худо гардонидааст ва мухолифи тавҳид, ки дини Худо ва маънои калимаи "لا إله إلا الله" аст, рафтор намудааст. Зеро "إله" яъне шахси маъбуд ва Худованд итоъат ва пайравӣ аз масиҳиёнро аз донишмандони динӣ ва роҳибон ибодат номида ва ононро худоён ва ширикони Худо донистааст, ки ин ширки акбар аст. Пас ҳар кас махлуқеро бар хилофи шариъати Худо ва Расули ӯ итоъат ва пайравӣ кунад, он махлуқро Худо ва маъбуди худ қарор додааст,

ҳар чанд ки ӯро Худо наномад. Ояти зер бар ин масъала таъкид мекунад:

﴿وَإِنْ أَطَعْتُمُوهُمْ إِنَّكُمْ لَمُشْرِكُونَ﴾[1].

"Агар шумо аз (аҳриманон ва шайтонсифатон) итоъат кунед, бегумон шумо низ мушрик хоҳед буд".

Ояти зер низ ҳамин мафҳумро мерасонад:

﴿أَمْ لَهُمْ شُرَكَاءُ شَرَعُوا لَهُمْ مِنَ الدِّينِ مَا لَمْ يَأْذَنْ بِهِ اللَّهُ﴾[2].

"Шояд онон анбозҳо ва маъбудҳое доранд, ки барои эшон динеро падид овардаанд, ки Худо бадон иҷоза надодааст".

Агар ҳукми Қуръон ва Суннат дар мавриди касе, ки қонунгузории ғайр аз Худоро пазируфта ва дар мавориде, ки Худованд иҷоза надода, ӯро итоъат кунад, чунин аст пас вой ба ҳоли касе, ки нафси худро шарики Худо қарор медиҳад ва ихтиёри қонунгузорӣ ва ҳукм ва таҳлил ва таҳримро, ки фақат махсуси Худо ҳастанд, барои худ қоил шавад?!

## Ширки асғар

Поёнтар аз ширки акбар, ранг ва анвоъи дигаре аз ширк вуҷуд дорад, ки ба "ширки асғар" машҳур аст ва дар доираи гуноҳони кабира қарор дорад. Албатта ширки асғар назди Худованд аз гуноҳони кабира бадтар аст.

## Мисолҳое аз ширки асғар

### 1. Савганд хурдан ба ғайри Худо

Касе, ки ба Паёмбар (с) ё ба Каъба ё яке аз авлиёи Худо ва яке аз бузургони дин савганд хурад ва ё ба ватан, обо ва аҷдод ва ё ҳар махлуқи дигаре савганд ёд кунад, дучори ширк гардида аст, зеро дар ҳадис омада аст:

---

[1] : Сураи Анъом 121

[2] : Сураи Шуро 21

«وَ مَنْ حَلَفَ بِغَيرِ اللهِ فَقَدْ كَفَرَ أو أشْرَكَ»[1].

"Касе, ки ба ғайри Худо савганд хурад, куфр варзида, ё дучори ширк гардидааст".

Қасам хурдан ба ғайр аз Худо ширк аст, зеро қасам хурдан ба як чиз нишонаи азамати он аст ва чун азамат ва тақдис фақат махсуси Худованд аст, Паёмбар (с) аз ин кор наҳй фармуда аст ва фармуда, ки: "ба падарони худ савганд нахуред" ва "агар касе хост савганд хурад бояд ба Худо савганд хурад, дар ғайри ин сурат онро раҳо кунад".

Ибни Масъуд (р) фармудааст: "савганд хурдани дуруғ ба Худоро бар савганд хурдани рост ба ғайр аз Худо тарҷеҳ медиҳам".

Ин гуфтаи Ибни Масъуд (ки саҳобаи Расули Худост) нишон медиҳад бо вуҷуди ин, ки савганди дуруғ ба Худо ҷузъи гуноҳони кабира аст, аммо ширк агар чӣ ҳам асғар бошад –монанди савганд хурдан ба ғайр аз Худо- назди фуқаҳои саҳоба аз ҳамаи гуноҳони кабира бузургтар ва бадтар аст[2].

### 2. Истифода аз ҳалқа ва ресмон

Эътиқод ба тавҳид, тазоде бо истифода кардан аз васоиле, ки Худо дар ҳастӣ қарор дода, надорад. Мисли истифода аз ғизо барои рафъи гуруснагӣ, об барои рафъи ташнагӣ, дорӯ барои дармони беморӣ ва аслиҳа барои дифоъ ва ё асбоби дигаре, ки Худованд онҳоро василаи расидан ба аҳдоф қарор дода аст.

---

[1] : Ривояти Тирмизӣ ва ҳадис ҳасан аст

[2] : Касе, ки ба ғайри Худо савганд мехурад, дайн ва кафорае бар ӯ нест, зеро мубтало ба ширк гардида ва ширк хурмат надорад, балки лозим аст, ки истиғфор кунад. Паёмбар (с) фармуд: "Касе, ки ба ғайр аз Худо монанди "лот" ва "узо" савганд хурад, бояд бигуяд: "لا إلــه إلا الله" (ривояти Бухорӣ). Аз ин ҳадис равшан мешавад, ки агар ширк кафорае дошта бошад, кафораи он ҳамон таҷдиди тавҳид аст, на ғизо додан ба фуқаро ва рӯза гирифтанд ва ғайра.

Пас агар шахсе ба ҳангоми бимории ба пизишк муроҷиъат кард ва аз доруҳои пешниҳоди ӯ, ё амали ҷарроҳӣ баҳра бурд, аз тавҳид хориҷ нашудааст. Танҳо чизе, ки бо тавҳид мухолиф аст, истифода аз васоили пинҳонӣ ва ғайри машруъ барои ҷалавгирӣ аз бало, ё пешгирӣ аз он аст, монанди истифода аз ҳалқаҳои фулзӣ ё бозубандҳои нахӣ. Имом Аҳмад (р) аз Имрон бин Ҳусайн ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) як ҳалқаи фулзиро дар бозуйи шахсе дид –Паёмбар (с) аз ранги зарди он зери либос мутаваҷҷеҳи он шуд- ва фармуд: "вой бар ту! Ин чист? Гуфт: дуркунандаи сустӣ аст, фармуд: "бидон, ки ин ҳалқа фақат туро суст ва заъиф мекунад[1], онро дур беандоз, зеро агар бо эътиқод ба он бимирӣ, ҳар гиз растагор намешавӣ".

Шиддати бархурди Паёмбар бо он мард ба хотири тарсондани ӯ аз оқибати ширк ва омӯзиш ба Саҳоба аст, ки тамоми роҳҳои куллӣ ва ҷузъиро бибанданд. Ба ҳамин хотир буд, ки Ҳузайфа бин Ямон (р) ҳангоми иёдат аз мариз мутаваҷҷеҳ шуд, ки дар бозуйи ӯ як банди чармӣ ё нахий барои рафъи сардард вуҷуд дорад, билофосила онро пора кард ва ин оятро хонд:

﴿وَمَا يُؤْمِنُ أَكْثَرُهُمْ بِاللَّهِ إِلَّا وَهُمْ مُشْرِكُونَ﴾[2].

"Ва аксари онон, ки муддаъии имон ба Худо ҳастанд, мушриканд".

### 3. Овезон кардани таъвиз

Яке дигаре аз мавори ширки асғар, истифода аз "тамоим" ба маънои таъвизҳост. Тамоим ҷамъи тамима ва ба маънои таъвиз аст. Яъне муҳраҳое, ки Арабҳо онро ба вижа дар гардани фарзандони худ меовехтанд, то ба гумони худ аз Ҷин  ва бадчашмӣ ва ғайра ҷилавгирӣ

---

[1] : Манзур инаст, ки бо иттико бо он аз Худо дур мешавӣ, (мутарҷим).

[2] : Сураи Юсуф 106

кунад, ки Ислом онро ботил кард ва бо онон ёд дод, ки дофеъ ва монеъи шар ва ботил фақат Худост. Имом Аҳмад (р) дар ҳадиси марфуъе аз Уқба бин Омир нақл мекунад: "Касе, ки тамимаеро овезон кунад, Худованд вайро ба саранҷом нарасонад ва касе, ки муҳрае овезад, Худованд чизе борояш нигаҳ надорад".

Дар ривояти дигар омадааст, ки: "овезон кардани тамима (таъвиз) ширк аст". Маънои овезон кардани таъвиз инаст, ки фард барои касби хайр ва дафъи шар ба он умеди қалбӣ дорад.

Ин кор ширк аст, зеро дар анҷом он талаби хайр ва дафъи зарар аз ғайри Худо вуҷуд дорад, дар ҳоле ки Худованд мефармояд:

﴿وَإِنْ يَمْسَسْكَ اللَّهُ بِضُرٍّ فَلَا كَاشِفَ لَهُ إِلَّا هُوَ وَإِنْ يَمْسَسْكَ بِخَيْرٍ فَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ﴾[1].

"Агар Худованд зиёне ба ту бирасонад, ҳеҷ кас ҷуз ӯ наметавонад онро бартараф созад ва агар хайре ба те расонад (ҳеҷ кас наметавонад аз он ҷалавгирӣ кунад) чаро, ки ӯ бар ҳама чизе тавоност".

Бархе аз ин таъвизҳо "ҷомиъа", ё "ҳирз", ё "ҳиҷоб" номида мешавад ва ин фирқе дар ҳукми онҳо надорад, балки ҳамаи онҳо ҷузъи умури бисёр мункар ва зишт аст, ки аз байни бурдани он дар ҳадди тавон бар ҳар фард воҷиб аст. Аз Саъид бин Ҷубайр (р) нақл шуда, ки "агар касе инсонеро аз паноҳ бурдан ва эътиқод ба таъвиз наҷот диҳад, арзиши озод кардани як ғуломро барои ӯ дод".

Аммо агар касе дар таъвиз аз оёти Қуъон, ё асмои Худованди таъоло истифода шуда бошад, оё боз ҳам мамнуъ аст ё на?

Уламои гузашта дар ин масъала назароти мухталифе доранд. Бархе онро ҷоиз шумурда ва бархе манъ кардаанд. Аммо назари мо инаст, ки ин навъ ҳам монанди

---

[1] : Сураи Анъом 13

соири анвоъи таъвии мамнуъ аст. Ҳарчанд, ки дар он аз оёти Қуръон истифода шуда бошад, ба чанд далел:

**Аввал**: Наҳй аз таъвиз ом аст ва ҳамаи онро дарбар мегирад ва аҳодиси ворида ҳеҷ навъе аз онро истисно накардааст.

**Дуввум**: Ба хотири "садди зариъа", яъне пешгирӣ, зеро муҷоз доштани истифода аз таъвизи Қуръонӣ, роҳро барои истифода аз анвоъит дигар низ боз мекунад ва дарвозаи шар агар боз шуд, баста нахоҳад шуд.

**Саввум**: Ҷоиз донистани ин кор, Қуръонро дар маърази беарзишӣ ва камқадрӣ қарор медиҳад, зеро шахси бардорандаи таъвиз ба маконҳои наҷас низ монанди халогоҳ меравад ва дар мавқеъи ҷанобат ва ҳайз ва ғайра ба он маконҳо рафту омад мекунад.

Чаҳорум: Истифода аз Қуръон дар таъвиз, кучак шумурдани Қуръон аст ва бо ҳадафи нузули он дар тазод аст, зеро Худованд онро василаи ҳидояти мардум ба беҳтарин роҳ ва наҷоти онон аз торикиҳо қарор додааст, на ин ки аз он ба унвони таъвиз ва нигаҳбони занон ва бачаҳо истифода шавад.

### 4. Тилисм (навиштани дуо ва ҷоду)

Яке дигар аз мавориде, ки бо тавҳид дар тазод аст, тилисм аст, ки иборат аз калимот ва вирдҳое аст, ки аҳли ҷоҳилият аз он истифода карда ва муътақид буданд аз онон шар ва балоро дӯр мекунад.

Онон дар ин тилисм бо такрор бархе аз номҳои ғайри Арабӣ ва калимоти номафҳум аз Ҷин кумак мегирифтанд, ки Ислом онро ботил кард, чунон чӣ дар ҳадис омадааст, ки "тилисм ва таъвиз ва сеҳр, ширк аст".

Дар ривояте омадааст, ки рӯзе Абдуллоҳ бин Масъуд (р) дар гардани ҳамсараш ресмонеро дид, аз ӯ пурсид: "ин чист?" зан гуфт: "ресмонест, ки дар тилисме барои

ҷилавгирӣ аз тасб вуҷуд дорад". Абдулло онро гирифт, пора кард ва дӯр андохт ва гуфт: "Аҳли байти Абдулло аз ширк бениёз гаштаанд. Ман аз Паёмбар (с) шунидам, ки мефармояд: "тилисм ва таъвиз ва сеҳр, ширк ҳастанд". Ҳасари Абдулло дар ҷавоб гуфт: "як чашми ман дӯчори тапиш шуд, ман ба фалон яҳудӣ мураҷиъа кардам, ӯ бароям тилисме хонд, ки дар натиҷаи он чашмам сокин шуд", Абдулло гуфт: "огоҳ бош, ки иллати тапиши чашмат шайтон буда, ки бо дасташ онро сихак мезад, аммо бо хондан шудани тилисм аз он даст бардоштааст. Аммо акнун кофист, ки дар ин мавоқеъ тибқи омузиши Расули Худо бигӯйи:

"إذهب البأس، رب الناس واشف أنت الشافي، لا شفاء إلا شفاءك، شفاء لا يغادلار سقماً ".

Яъне: "Эй Парвардигори инсонҳо! Дардро дӯр кун ва шифо ато фармо, зеро шифодиҳанда фақат ту ҳастӣ ва шифое ҷуз шифои ту нест, шифо ато фармо, ки ҳеҷ дард ва маразеро боқӣ нагузорад".

Тилисм ҳаром аст, ки дар он кумак аз ғайри Худо гирифта шавад ё ба забони ғайри Арабӣ бошад, зеро мумкин аст калимоти куфромез ва ширковарро дар бар дошта бошад.

Аммо дар ғайри ин сурат эроде надорад, зеро дар саҳеҳи Муслим ҳадисе аз Авф бин Молик вуҷуд дорад, ки мегӯяд: "мо дар замони ҷоҳилият тилисм мекардем, сипас аз Паёмбар (с) дар мавриди он суол кардем, ки назари шумо чист? Фармуд: "ба анҷоми тилисм ва дуо бипардозед, эроде надорад, агар ширк набошад".

Шайх Суйитӣ (р) мегӯяд: "ҳамаи уламо ҷоду ва тилисмро ба се шарт ҷоиз донистаанд:

1. Дар навиштани он аз оёти Қуръон, номҳо ва сифоти Худованд истифода шавад.

2. Бо забони Арабӣ ва қобили фаҳм ва маънодор бошад.

3. Муътақид бошанд, ки тилисм ва дуо ҳеҷ таъсире аз худ надорад, балки таъсири он вобаста ба тақдири Худост.

Аммо сеҳр ва ҷодӯи мазкур дар ҳадис, ки бо лафзи "тавла" омада аст, навъе аз корҳои соҳирон барои эҷоди муҳаббат ва ишқ миёни мардон ва занон аст, ки ноҷоиз аст.

## 5. Сеҳр

Яке дигар аз мавориди ширки асғар, ки Ислом нисбат ба он ҳушдор дода, сеҳр аст. Яъне эҷоди навъи хаёл ва гумон ва ё афсун ба василаи навишта ва гиреҳ задан ва дамидан дар ашё.

Ва чун дар ин мавврид низ кумак хостан аз ғайри Худо монанди Ҷин ва шайтон ва ситора ва ғайра вуҷуд дорад, ширк ба ҳисоб меояд. Ба ҳамин далел дар ҳадисе чунин омада аст, ки: "ҳар кас (ба манзури тилисм) гиреҳе занад ва дар он фавт кунад, сеҳр анҷом дода ва касе, ки сеҳр анҷом диҳад, дучори ширк гардидааст". Дар тамоми адёни осмонӣ аз ҷумал Ислом, сеҳр ҷузъи гуноҳони кабира ба шумор рафтааст. Қуръон аз забони Мусо (а) нақл мекунад:

﴿وَلَا يُفْلِحُ السَّاحِرُ حَيْثُ أَتَى﴾[1].

"Ва ҷодугар ҳар ҷо биравад, пирӯз намешавад".

﴿قَالَ مُوسَى مَا جِئْتُمْ بِهِ السِّحْرُ إِنَّ اللَّهَ سَيُبْطِلُهُ إِنَّ اللَّهَ لَا يُصْلِحُ عَمَلَ الْمُفْسِدِينَ﴾[2].

"Мусо гуфт: он чӣ (шумо соҳирон) ироъа додед воқеъан ҷодӯст. Қатъан Худованд онро пучу нобуд хоҳад кард (ва ҷойи шигирфт нест, зеро) Худованд кори табаҳкоронро (бақо ва давом намебахшад ва) шоиста ва судманд намегардонад".

Паёмбар (с) сеҳрро пас аз ширк ҷузъи ҳафт гуноҳи бузург ва ҳалоккунанда ба шумор овардааст.

---

[1] : Сурати Тоҳо 69

[2] : Сураи Юнус 81

Қуръон низ ба мо ёд дода, ки аз шарри сеҳр ва соҳирон ба Худо паноҳ барем:

﴿وَمِنْ شَرِّ النَّفَّاثَاتِ فِي الْعُقَدِ﴾[1].

"Дар ин оят манзур аз "النَّفَّاثَاتِ فِي الْعُقَـدِ" соҳирон аст, зеро онон ҳангоме, ки қасди анҷоми сеҳрро доштанд, наххҳоро гиреҳ зада ва дар ҳар гиреҳ медамиданд то хостаашон амалӣ шавад. Маънои "نفث" дамидан бо ҳамроҳи миқдоре аз оби даҳон аст.

Бисёре аз пешвоёни гузашта аз ҷумла имом Молик (р) ва имом Абуҳанифа (р) соҳирро кофир ва амали сеҳрро куфр донистаанд. Аз теъдоде аз Асҳоби Паёмбар (с) низ ин раъй содир шуда, ки муҷозоти соҳир анаст, ки гардани вай бо шамшер зада шавад.

Дар саҳеҳи Бухорӣ аз Баҷола бин Абдуҳу нақл шуда, ки гуфт: "Умар бин Хаттоб (р) барои мо фармоне навишт, ки мардон ва занони соҳирро бикушед". Баҷола мегӯяд, ки мо се нафар соҳирро куштем. Кушта шудани соҳир тавассути Умул-мӯминин Ҳафса (р) ва Ҷундуб (р) ҳам дар ҳадиси саҳеҳ гузориш шудааст.

Сеҳр ҳаром аст, пас касе, ки соҳиронро тасдиқ мекунад, ё барои анҷоми он талош кунад, дар ин ҷурм ва гуноҳ шарик аст.

Паёмбар (с): "Се нафар вориди биҳишт намешаванд:

1. Касе, ки ба нушидани шароб одат дорад ва ба он муътод бошад.

2. Касе, ки сеҳрро бовар кунад ва онро рост бипиндорад.

3. Касе, ки робитаи хешовандиро қатъ мекунад"[2].

---

[1] : Сураи Фалақ 5

[2] : Ривояти имом Аҳмад ва ибни Ҳиббон дар Саҳеҳ

**6. Толеъбинӣ ё пешгӯйи аз рӯйи ситораҳо ҷуъи сеҳр аст**

Яке аз анвоъи сеҳр, толеъбинӣ аст. Бархе даъво мекунанд, ки аз тариқи ситорашиносӣ метавонанд ба иттифоқоти куллӣ ва ҷузъӣ, ки дар оянда рух хоҳад дод, пай бибаранд, ки дар воқеъ навъи ҳила ва найранг аст. Дар ҳадисе омада аст, ки: "Касе, ки ба шаъбадае аз ситорашинос рӯй оварад, шаъбадае аз сеҳро ба даст овардааст"[1].

Албатта бояд донист ин ҳадис дар мавриди касоне нест, ки дар илми нуҷум ба шинохти фосилаи миёни ситорагон, ҷойгоҳои онҳо, ҳаҷми онҳо, мадорҳои онҳо ва масоили мушобиҳи он мепардозанд. Ва ҳадафи онон фақат шинохти ҷаҳони ситораҳо ва кунҷковӣ аст ва ба василаи мушоҳада аз тариқи васоили расад, онро анҷом медиҳанд ва ба "дониши фазо" ном гирифта шудааст. Ин кор ҷузъи сеҳр нест ва дорои усул ва қавонин ва васоили хоси худ аст.

Он чӣ, ки дар ҳадис баён шуда дар мавриди касоне аст, ки аз ин дониш дар ҷиҳати аҳдофи куфромез истифода мекунанд, монанди даъвои шинохти ғайб, ки сеҳр аст ва ширк, зеро касе ҷуз Худо ғайбро намедонад.

**6. Яке аз мавориди сеҳр ва ширк, ҷодӯйи мард ва зан аст**

Ин навъ сеҳр аз гузашта дар миёни соҳирон ривоҷ ёфта ва иборат аст аз навиштани бархе хуруф ва калимон ва овезон кардани баъзе ашё дар гардан ва ё дар девор ба ин умед, ки байни зану мард муҳаббат эҷод шавад, ки мо дар бахси қабл ин ҳадисро овардем, ки Паёмбар (с) фармуд: "Тилисм, таъвиз ва сеҳру ҷодӯ ширк аст.

---

[1]: Ривояти Абудовуд бо санади саҳеҳ

### 7. Фолгирӣ ва пешгӯйи

Ин кор низ ҳамонанди толеъбинӣ ҷузъи ширки асғар аст. Фолгир (коҳин) касест, ки аз ахбори ғайбе дар оянда, ё он чӣ ки дар даруни инсон аст, хабар медиҳад.

Пешгӯ (арроф) номест барои фолгир, толеъбин ва ҳар кас, ки даъвои шинохтани ғайбро дошта бошад, чӣ ғайб марбут ба оянда ва чӣ ғайби даруни афрод, фарқе ҳам надорад, ки ахбор аз тариқи робита бо Ҷин ё нигоҳ кардан ба кафи даст аз тариқи фоле анҷом гирад, ё аз тариқи пиёла ва ғайра. Ҳама ҷузъи мавориди ширк аст.

Дар саҳеҳи Муслим ривоят шуда, ки Паёмбар (с) фармуданд: "Ҳар кас, ки назди пешгӯ (арроф) равад ва аз ӯ чизе пурсад ва онро рост шуморад ва бовар кунад, то чиҳил рӯз намози вай пазируфта нахоҳад шуд".

Абудовуд низ аз Паёмбар (с) нақл мекунад, ки: "Ҳар кас назди фолгир равад ва суханони ӯро пазирад, нисбат бо дини Муҳаммад кофир шудааст". Ин баёни Паёмбар (с) ба ин хотир аст, ки яке аз мавориди нозил шуда бар эшон инаст, ки касе ҷуз Худованд ғайбро намедонад ва Худованд фармудааст:

﴿قُلْ لَا يَعْلَمُ مَنْ فِي السَّمَوَاتِ وَالْأَرْضِ الْغَيْبَ إِلَّا اللَّهُ[1]﴾.

"Бигӯ: касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд, ғайб намедонанд ҷуз Худо ва намедонанд чӣ вақт барангехта мешаванд".

﴿وَعِنْدَهُ مَفَاتِحُ الْغَيْبِ لَا يَعْلَمُهَا إِلَّا هُوَ﴾[2].

"Ганҷинаҳои ғайб ва калиди онҳо дар дасти Худост ва касе ҷуз ӯ аз онҳо огоҳ нест".

﴿عَالِمُ الْغَيْبِ فَلَا يُظْهِرُ عَلَى غَيْبِهِ أَحَدًا إِلَّا مَنْ ارْتَضَى مِنْ رَسُولٍ﴾[3].

---

[1] : Сураи Намл 65

[2] : Сураи Анъом 59

[3] : Сураи Ҷин 26-27

"Донандаи ғайб Худост ва ҳеҷ касеро бар ғайби худ огоҳ намесозад, магар Паёмбаре, ки Худо аз ӯ хушнӯд бошад".

Ҳатто худи шахси Паёмбар (с) низ нисбат ба ғайб чизе намедонист, магар мавориде, ки Худованд ба ӯ иттилоъ медод ва ба ҳамин далел вайро чунин омузиш медиҳад, ки:

﴿قُلْ لَا أَمْلِكُ لِنَفْسِي نَفْعًا وَلَا ضَرًّا إِلَّا مَا شَاءَ اللَّهُ وَلَوْ كُنتُ أَعْلَمُ الْغَيْبَ لَاسْتَكْثَرْتُ مِنَ الْخَيْرِ وَمَا مَسَّنِيَ السُّوءُ إِنْ أَنَا إِلَّا نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ لِقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ﴾[1].

"Бигӯ: ман молики сӯду зиёне барои худ нестам, магар он миқдоре, ки Худованд бихоҳад ва агар ғайб медонистам, манофеъи фаровоне насиби худ мекардам ва аслан шар ва бадӣ ва бало ба ман намерасид. Ман касе ҷуз бимдиҳанда ва муждадиҳандаи мӯминон (ба азоб ва савоби яздон) намебошам".

Тарафи дигари қазия ҳам инаст, ки соҳирон ва коҳинон барои дарёфти иттилоъоти худ аз Ҷинҳо кумак мегиранд, дар ҳоле ки худ Ҷинҳо низ қудрате барои шинохти ғайб надоранд. Қуръон дар мавриди Ҷинниҳои таҳти амри Сулаймон (а) нақл мекунад, ки онон марги Сулаймонро мутаваҷҷеҳ нашуданд:

﴿فَلَمَّا خَرَّ تَبَيَّنَتْ الْجِنُّ أَنْ لَوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ الْغَيْبَ مَا لَبِثُوا فِي الْعَذَابِ الْمُهِينِ﴾[2].

"Ҳангоме, ки Сулаймон (ки дар миёни Ҷинниён бар асои худ такя зада буд ва корҳои эшонро мепойид) фуру афтод. Фаҳмиданд, ки агар онон аз ғайб муталлеъ буданд, дар азоби хоркунанда байгорӣ ва асорат) боқӣ намемонданд".

Ба ҳамин далел эътиқод ба кори фолгирҳо ва пешгӯҳо, ки даъвои шинохти ғайбро доранд, куфр варзидан ба оёти равшангаре аст, ки Худованд нозил фармуда аст.

---

[1] : Сураи Аъроф 188
[2] : Сураи Саба 14

Ҳоло, ки мурочиъа ба ин афрод ва тасдиқи гуфтаҳои онон чунин чойгоҳи паст ва беарзише дар дини Худо дорад, назари ту рочеъ ба худи фолбинҳо ва пешгӯҳо чист? Возеҳ аст, ки онон аз дини Худо хорич ва дини Худо ҳам аз онон чудо ва безор аст ва дар ҳадис чунин омадааст, ки: "касе, ки фоли бад гирад ё барояш фол гирифта шавад ва касе, ки пешгӯйи кунад ё барояш пешгӯйи кунанд ва ё сеҳр анчом диҳад ва ё барояш сеҳр анчом диҳанд, чузъи ман ва уммати ман нест"[1].

## 8. Назр кардан барои ғайри Худо

Назр барои ғайри Худо (ҳар чӣ ва ҳар кас, ки бошад) ширк аст, монанди назр барои мурдагон, зеро назр ибодат ва сабаби наздикӣ ба Худо аст ва ибодат чуз барои Худо чоиз нест. Худованд мефармояд:

﴿وَمَا أَنفَقْتُم مِّن نَّفَقَةٍ أَوْ نَذَرْتُم مِّن نَّذْرٍ فَإِنَّ اللَّهَ يَعْلَمُهُ وَمَا لِلظَّالِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ﴾[2].

"Ҳар ҳазинаеро, ки (дар роҳи хайр ва шар) мутаҳаммил мешавед, ё ҳар назреро, ки ба гардани мегиред, бегумон Худованд онро медонад ва ситамгаронро ёваре нест".

Манзур аз золимон дар ин оят мушрикин мебошанд, зеро ширк зулми азим аст ва касе, ки ҳадафи ибодаташ ғайри Худо бошад, дучори ширк гардидааст.

Яке аз уламо мегӯяд, ки: "Он чӣ ки бештари мардум ба хотири он назр мекунанд –тибқи он чӣ дида мешавад- ё дар мавриди шахс ё чизе аст, ки гум кардаанд, ё маризе доранд, ё ниёзе доранд. Дар ин сурат назди қабри инсонҳои солеҳ мераванд ва мегӯянд: "Эй оқои ман! агар Худованд (ба воситаи ту) гумшудаамро боз гардонад, ё маризамро шифо диҳад, ё ниёзамро бароварда созад, он миқдор тилло ё ғизо ва ё шамъ ва равғанро барои ту ҳадя

[1] : Ривояти Баззор бо санади чайид

[2] : Сураи Бақара 270

мекунам. Аммо бояд донист, ки чунин назре тибқи назари ҳамаи уламо ботил аст, ба чанд далел:

Аввал: Зеро ин назр барои махлуқ шудааст ва назр барои махлуқ ҷоиз нест, зеро назр навъе ибодат аст ва ибодат барои махлуқ ҷоиз нест.

Дуввум: Шахсе, ки барои вай назр мешавад, мурда аст ва мурда наметавонад молики чизе бошад.

Саввум: Шахсе, ки чунии назре мекунад, муътақид аст, ки мурдагон тавоноии анҷом додани корҳо ва дахолат дар умури дунёро доранд ва эътиқод ба чунин чизе куфр аст".

Он олим дар идома мегӯяд: "дар ҳоле, ки инро донистӣ, бидон, ки дирҳамҳо ва шамъҳо ва равғанҳо (ва ё ҳар чизи дигаре), ки бо боргоҳи авлиё ва қубури онон бурда шавад, то ба онон наздик гарданд ва ризояташонро ҷалб кунанд, тибқи назари ҳамаи уламои Ислом ҳаром аст ва назре, ки ҳаром аст, анҷоми он лозим нест ва ҳатто нодуруст аст, зеро:

**Аввал**: Он назр мутобиқи дастури Паёмбар (с) набуда ва эшон фармудаанд, ки "ҳар кас коре анҷом диҳад, ки мутобиқи дастури мо набошад, мардуд аст".[1]

**Дуввум**: Назр барои Худо ширк аст ва ширк ҷузъи он даста аз умури ҳаром нест, ки барои ҷуброни он ниёз ба каффора ва фидя ва ғайра бошад ва фақат ниёз ба истиғфор дорад. Имом Ибни Таймия низ чунин назаре дорад.

Саввум: Назри он шахс гуноҳ аст ва дар Суннати Паёмбар (с) баён шуда, ки ҳар назре агар шомили гуноҳ ё ширк бошад, на танҳо вафо ба он лозим нест, балки ноҷоиз аст. Дар ин маврида дар саҳеҳи Бухорӣ аз Ойша (р) ба сурати марфӯъ омада аст, ки: "Агар касе барои

[1] : Ривояти Муслим

ибодати Худо назре кард, бояд онро анҷом диҳад ва агар касе барои кори гуноҳ назр кард, онро анҷом надиҳад".

Ва низ аз Собит бин Заҳҳок ривоят шудааст, ки: "Марде назр кард, ки дар "бавона" шутуреро қурбонӣ кунад. Барои ин кор аз Паёмбар (с) суол кард, эшон фармуд: "Оё дар он макон дар замони ҷоҳилият буте вуҷуд дошт, ки ибодаташ кунанд?" арз карданд: на!. Фармуд: " Пас оё дар онҷо ҷашне аз ҷашнҳои мушрикон анҷом мешуд?" арз карданд: на! Сипас фармуданд: "пас ба назрат вафо кун, зеро (фақат) дар корҳои гуноҳ ва умуре, кри дар ихтиёри инсон нест, ба назр вафо намешавад"[1].

9. **Қурбонӣ кардан барои ғайри Худо**

Яке дигар аз анвоъи ширк, пешкаш кардани қурбонӣ ва сар буридани ҳайвон барои ғайри Худо аст. Равиши ҷории мушрикин дар ҳамаи умматҳо ин буда, ки ба василаи қурбонӣ кардани ҳайвон, худоён ва бутҳои худро хушнӯд созанд. Дар натиҷа Ислом чунин амалро ботил кард ва дар ояти 3 сураи Моида фармуд:

﴿حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ ... وَمَا أُهِلَّ لِغَيْرِ اللَّهِ بِهِ .... وَمَا ذُبِحَ عَلَى النُّصُبِ... ﴾[٢].

"Бар шумо ҳаром аст (хурдани гушти) ҳайвоноте, ки ба ҳангоми забҳ номи ғайри Худо бар онҳо бурда шавад ва ҳайвоноте, ки барои наздикӣ ба бутҳо қурбонӣ шудаанд ва Худованд амр карда, ки қурбони фақат барои Худо бошад".

Ба ҳамин далел, Худованд ба Паёмбараш дастур медиҳад, ки намоз ва қурбониашро барои Худо анҷом диҳад:

﴿فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَانْحَرْ﴾[٣].

---

[1] : Ривояти Абудовуд

[2] : Сураи Моида 3

[3] : Сураи Кавсар 2

Ва ба ӯ амр мекунад, ки дар миёни мушрикин эълом кунад, ки равиши ӯ дар намоз ва қурбонӣ бар хилофи онон аст:

﴿قُلْ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ لَا شَرِيكَ لَهُ وَبِذَلِكَ أُمِرْتُ﴾[1].

"Бигӯ: намоз ва қурбонӣ ва зистани ман аз они Худост, ки Парвардигори ҷаҳониён аст, Худоро ҳеҷ шарики нест ва ба ман ҳамин дастӯр дода шудааст".

Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки фармуд: "Расули Худо (с) дар мавриди чаҳор чиз бо ман сухан гуфт ва фармуд: "Худованд бар касе, ки барои ғайри ӯ қурбонӣ кунад, ё падар ва модарашро нафрин менамояд, ё бо нуфуз ва қудрати худ шахсеро, ки муҷрим аст ва бояд муҷозот шавад ҳимоят кунад ва аз дасти қонун махфӣ созад ва ё ҳудуд ва марзи заминро тағйир дода ва ба мулки худ бияфзояд, лаънат кардааст"[2].

Ториқ бин Шиъоб низ аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки фармуд: "Марде ба хотири як магас ба биҳишт рафт ва марди дигар ба хотири як магас ба ҷаҳаннам дохил шуд". Арз карданд: Эй Паёмбари Худо чӣ гуна? Фармуд: "ДУ мард аз канори қавме, ки бут доштанд , гузаштанд. Онон ба ҳеҷ кас иҷозати убур надоданд, то ин, ки чизе барои бути онҳо ҳадя кунад. Пас ба яке аз он ду марди мусофир гуфтанд: чизе ҳадя кун. ӯ гуфт: чизе надорам, ки ҳадяи бути шумо кунам. Гуфтанд: Ҳатто агар магасе бошад, пазируфтааст... ӯ магасеро ҳадия кард. Онон роҳи ононро барояш боз карданд. ӯ саранҷом бо ҷаҳаннам дохил шуд. Онон ба марди дуввумӣ ҳам гуфтанд: чизе ҳадия намо, гуфт: ман ҷуз барои Парвандигори мутаъол чизе ҳадия намекунам. Пас гарданашро заданд ва ӯ ба биҳишт дохил гардид"[3].

---

[1] : Сураи Анъом 162-163

[2] : Ривояти Муслим

[3] : Ба ривояти имом Аҳмад

Паёмбар (с) он марди мӯминро сутуд ва хабар дод, ки ба биҳишт ворид шуда чун ба кушта шудан розӣ шуд, аммо ба ҳадия кардани чизе барои ғайри Худо розӣ нашуд. Ин масъала бисёр асосӣ аст ва касе, ки ҳозир аст магасеро барои ғайри Худо тақдим кунад, имкон дорад дар оянда шутуреро ҳам тақдим кунад.

Ислом ба қадре нисбат ба тавҳид ва парҳез аз ширк ҳарис аст, ки ҷоиз намедонад дар маконе, ки маҳали қурбонӣ кардан барои ғайри Худо буда, чизе барои Худо қурбони шавад ва ин масъала дар ҳадиси Собит бин Заҳҳок, ки назр карда буд, дар "бавона" шутуреро барои Худо қурбонӣ кунад, баён шуд.

**10. Наҳс ва бадшугун пиндоштани ашё шикр аст**

Наҳс пиндоштани ашё низ ширк аст. Яъне ин, ки бархе садоҳо, ашё ва ғайраро нишонаи бадшугун будани он бидонад. Масалан агар шахсе қасд сафар ё издивоҷ, ё анҷоми як амали тиҷориро дорад, аммо ба хотири яке аз он маворид, ки зикр кардем, кори худро анҷом надиҳад, дучори ширк гардида аст, зеро таваккали худро барои Худо холис накарда ва ба тарафи ғайри Худо таваҷҷуҳ намуда ва ба багшугунии ашё эътиқод пайд карда аст".

Имом Аҳмад аз Паёмбар (с) ривоят мекунад,ки фармуд: "касе, ки эътиқод ба наҳваст ва бадгушуии ашё вайро аз анҷоми кораш мунсариф кунад, ширк варзида аст". Арз карданд: "эй Паёмбар (с) каффораи он чист? Фармуд: "бояд бегӯед: "اللهم لا خير إلا خيرك ولا طير إلا طيرك"", яъне "Худовандо! Фақат ончиро, ки ту хайр қарор диҳи, хайр аст ва фақат он чиро ки шар қарор диҳӣ, шар аст ва худое ҷуз ту надорад".

Бояд донист, ки агар дар қалби касе гирифтагӣ ва эҳсоси шар ва бадӣ нисбат ба бархе ашё эҷод шуд, ҳеҷ таъсире ва зараре бар ҳоли ӯ нахоҳад дошт. Албатта ба

шарте, ки бо таваккал бар Худо кору роҳи худро идома диҳад ва эътиқод ба нуҳуст ва бадшугунии ашё вайро аз анҷоми кор боз надорад. Абудовуд ва Тирмизӣ аз Ибни Масъуд ба сурати марфуъ ривояте нақл мекунанд, ки гуфта: "бадшугунӣ ва наҳс донистани ашё ширк аст (се бор) ва ҳамаи мо... аммо Худованд ба василаи таваккал онро аз байн мебарад".

Маънии ҷумлаи охири ривоя инаст, ки ҳамаи мо дар қалби худ ба хотири заъфи башарӣ то ҳадуде ба ин бовари ғалат муътақидем, аммо мазияте инсони мӯмин инаст, ки Худованд ба василаи таваккали ӯ ва ба хотири баракати он, он нигарониҳо ва дилшураҳои зургузарро аз байн мебарад, зеро фармуда аст:

﴿وَمَنْ يَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ فَهُوَ حَسْبُهُ﴾[1].

"Касе, ки ба Худо таваккал кунад, Худо барояш кофӣ аст".

Мутазод бадгушуйи, нек донистан ва хушбин будан аст. Яъне инсон ҳамеша дар интизори хайр аст ва ҳар чӣ бишнавад ё бубинад, ба хайр таъвил кунад.

Паёмбаи Худо (с) фоли нек заданро дуст дошт. Дар ҳадисе омада, ки фармуд: "ман фоли нек заданро дӯст дорам". Арз карданд: фоли нек чист? Фармуд: "гуфтори накӯ".

Намунае аз фоли нек: масалан шахсе мариз аст, мешунавад, ки дигаре мегуяд: эй солим. Он шахси мариз шунидани ин каломро ба фоли нек ва расидан ба саломатӣ ва сиҳат мепиндорад. Чунин амале накуст, зеро ангезае аст барои умедворӣ ва ҳусни зан ба Худои таъоло. Аммо фоли бад задан шомили бадгумонӣ ба Худо ва интизори бало аз ғайр аз  ӯст, дар ҳоле, ки иллате ҳам барои бало вуҷуд надорад.

[1] : Сураи Талоқ 3

## Ислом роҳҳои нуфузи ширкро бастааст

Ислом тавҳиди холисро овард ва бо ҳар ду навъ ширки акбар ва ширки асғар мубориза кард ва ба шиддат нисбат ба он ҳушдор дода ва дар ин ҷиҳат шеваҳои мухталифе ба кор гирифт. Яке аз боризтарин равишҳои Ислом барои мубориза бо ширк, бастани тамоми роҳҳое аст, ки буйи ширк медиҳад.

Аз ҷумла роҳҳои нуфузи ширк метавон ба мавориди зер ишора кард:

### 1. Зиёдаруйи дар бузургдошти Паёмбар (с)

Паёмбар (с) аз зиёдаруйи дар бузургдошт ва ситоиши худо наҳй намуда ва фармуд: "он гуна, ки Масеҳиён Исоро мадҳ ва ситоиш карданд (ва мунҷар ба Худо қарор додани вай шуд) маро ситоиш накунед, зеро ман ҳам бандаи Худо ҳастам, пас дар мавриди ман бигӯед: бандаи Худо ва Расули ӯ".

Қуръони Карим онгоҳ, ки мехоҳад болотарин ситоишро барои Паёмбар (с) ба кор гирад, мефармояд:

﴿الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي أَنزَلَ عَلَى عَبْدِهِ الْكِتَابَ وَلَمْ يَجْعَل لَّهُ عِوَجَا﴾[1].

"Ҳамд ва сипос Худоеро сазост, ки бар бандае худ (Муҳаммад) китоб (Қуръон) ро фуру фиристод ва дар он ҳеҷ гуна инҳироф ва каҷӣ надодааст".

﴿فَأَوْحَى إِلَى عَبْدِهِ مَا أَوْحَى﴾[2].

"Пас Ҷибрил ба бандаи Худо (Муҳаммад) ваҳй кард, он чиро, ки мебоист ваҳй кунад".

Паёмбар (с) ҳаргоҳ аз касе чизе мешунид ва ё медид, ки нишон аз зиёдаруйи дар ҳаққи эшон дошт, аз он шахс нороҳат шуда ва ба вай ҳушдор медод, ки чунин амале дар роҳи ҳақ ва ҳидоят вуҷуд надорад.

---

[1] : Сураи Каҳф 1

[2] : Сураи Наҷм 10

Абудовуд бо санади ҷайид аз Абдулло бин Шухайр (р) ривоят мекунад, ки гуфт: "Ман ба ҳамроҳи гуруҳи Бани Омир назди Паёмбар (с) рафтам ва арз кардам: Шумо оқои мо ҳастед, фармуд: "Худованди таъоли Сайид ва оқо аст".

Аз Анас ҳам ривоят шуда, ки иддае гуфтанд: "эй Паёмбари Худо, эй хайри мо ва эй хайрзодаи мо, эй Оқои мо ва эй оқозодаи мо". Эшон фармуданд: "эй мардум! Мутобиқи одати худ маро хитоб кунед, мувозиб бошед, ки шайтон шуморо фиреб надиҳад. Ман Муҳаммад писари Абуллоҳ ва Расули Худо ҳастам. Манро аз ҷойгоҳе, ки Худо бароям таъйин намуда, болотар набаред"[1].

Як бори дигар марде бо эшон гуфт: " ҳар он чӣ Худо ва шумо бехоҳед", фармуд: "оё маро шарики Худо қарор додӣ? Пас инро нагӯ ва бигӯ: ҳар он чӣ Худо бихоҳад"[2].

## 2. Зиёдарӯйи дар ҳаққи инсонҳои солеҳ

Аз ҷумлаи мавориде, ки Ислом аз он наҳй карда ва нисбат ба он ҳушдор дода, зиёдарӯйи дар мавриди солиҳин аст. (ин масъала яке аз мавориди инҳирофи ақвом аст). Иддае дар мавриди Масеҳ зиёдарӯйи карданд ва ӯро фарзанди Худо, ё саввумин сегонаҳо қарор доданд. Ва бархи дигар гуфтанд: Худо ҳамон Масеҳ бин Марям аст. Ва иддаи дигар донишмандон ва роҳибонашонро ба ҷойи Худои якто бо худойи гирифтанд. Би ин хотир аст, ки Худованд аз амалкарди Аҳли китоб наҳй карда ва корашонро зишт шумурда ва мефармояд:

[1]: Ривояти Насойи бо санади ҷайид

[2] : Ривояти Насойи

﴿يَاأَهْلَ الْكِتَابِ لَا تَغْلُوا فِي دِينِكُمْ وَلَا تَقُولُوا عَلَى اللَّهِ إِلَّا الْحَقَّ﴾[1].

"Эй аҳли китоб! Дар дини худ ғулӯ накунед (ва дар бораи Исо роҳи ифрот ва тафрит напуед) ва дар бораи Худо ҷуз ҳақ нагуед".

﴿قُلْ يَاأَهْلَ الْكِتَابِ لَا تَغْلُوا فِي دِينِكُمْ غَيْرَ الْحَقِّ وَلَا تَتَّبِعُوا أَهْوَاءَ قَوْمٍ قَدْ ضَلُّوا مِنْ قَبْلُ وَأَضَلُّوا كَثِيرًا وَضَلُّوا عَنْ سَوَاءِ السَّبِيلِ﴾[2].

"Бигӯ эй Аҳли китоб! Ба ноҳақ дар дини худ роҳи ифрот ва тафрит напуед ва аз аҳво ва майлҳои гурухе, ки пеш аз ин гумроҳ шудаанд ва бисёреро гумроҳ кардаанд ва аз роҳи рост мунҳариф гаштаанд, пайравӣ нанамоед".

Зиёдарӯйи дар мавриди солиҳин боиси эҷоди аввалин ширк дар замин шуд, яъне ширки қавми Нуҳ. Дар саҳеҳи Бухорӣ ҳадисе аз Ибни Аббос дар мавриди худоёни қавм, яъне "Вуд" ва "Сувоъ" ва "Яғус" ва "Яъуқ" ва "Наср" омада, ки мегӯяд: "Ин номҳо, номи мардони солеҳ аз қавми Нуҳ аст, ки пас аз вафоти онон, шайтон ба он қавм илқо кард, ки дар ҷойгоҳи онон муҷассамаҳоеро бо номи худашон қарор диҳед (то ёдбуд бошад). Онон чунин карданд, аммо ибодаташон намекарданд, бо гузашти он насл ва фаромӯш шудани илм ва дониш, насли ҷадид ба ибодати онҳо пардохтанд.

Аз ин ҷо мутаваҷҷеҳ мешавем, ки ғулӯ ва зиёдарӯйи мусалмонон дар ҳаққи афроде, ки ононро солеҳ ва валии Худ медонанд, махсусан дар мавриди касоне, ки бар рӯйи қабрҳояшон боргоҳ ва мазор сохта шуда, мунҷар ба анвоъе аз ширк мешавад. Масалан, барои онҳо назр ва қурбонӣ мекунанд, ё аз онон кумак мехоҳанд ва ё Худоро бо мақоми онон савганд медиҳанд ва ғайра. Ва чӣ бисёр ғулӯ дар мавриди онҳо мардумро

---

[1] : Сураи Нисо 171

[2] : Сураи Моида 77

ба сӯйи ширки акбар мекашонад. Яъне, бархе чунин мепиндоранд, ки онон афроди солеҳ ва авлиё тавоноии тасарруф ва таъсир дар умури ҷаҳонро бар хилофи асбоб ва равишҳои одӣ доранд. Пас ҳам аз Худо ва ҳам аз онон кумак мехоҳанд ва ҳатто бархе фақат аз онон кумак мехоҳанд ва ин гуноҳи бузург ва гумроҳии шадид аст.

**3. Бузургдошти қубур**

Ислом ба шиддат аз таъзим ва бузургдошти қубурҳо, махсусан қубури Анбиё  ва солиҳин наҳй намудааст ва ба ин хотир ҳар кореро, ки ба ин амал биянҷомад, наҳй намудааст, аз ҷумал:

**Аввал: Қабр набояд ба масҷид табдил шавад**

Имоми Муслим дар китоби худ аз Паёмбар (с) нақл мекунад, ки қабл аз вафот ба панҷ амр тавсия намуд, ки яке аз онҳо инаст, ки фармуд: "Огоҳ бошед, касоне, ки пеш аз шумо буданд қабрҳои Паёмбарони худро ба масҷид табдил карданд. Огоҳ бошед, ки шумо чунин накунед ва ман шумор аз ин кор наҳй мекунам".

Ойша ва Ибни Аббос (р) мегӯянд: "Ҳангоме, ки Паёмбар (с) дар дами марг буд, порчаеро бар рӯйи худ мекашид (дар ҳолати сардард) вақте, ки беҳтар шуд онро бардошт. Дар ин холат фармуд: "Лаънати Худо бар Яҳуд ва Насоро бод, зеро онон қубури Паёмбарони худро ба масоҷид табдил доданд, коре, ки аз он наҳй шудааст"[1].

**Дуввум: Набояд рӯ ба қабр намоз хонда шавад**

Дар ҳадис омада аст: (Бар рӯйи қабрҳо нанишинед ва ба самти онҳо намоз нахонед"[2]. Яъне: Ҳангоми намоз, набояд қабрҳо ба самти қибла бошанд.

[1] : Муттафақун алайҳи

[2] : Ривояти Муслим

**Саввум: Набояд бар рӯйи қабрҳо чароғ ё шамъ равшан намуд ва онро чароғонӣ кард**

Дар ҳадис омада аст, ки: "Худованд занонеро, ки қабрҳори зиёрат мекунанд ва касоне, ки бар рӯйи онҳо масҷид месозанд ва ё онро нӯронӣ мекунанд, лаънат кардааст".

**Чаҳорум: Сохтани бино рӯйи қабр ва гаҷ задан рӯйи он мамнӯъ аст**

Муслим аз Ҷобир ривоят мекунад, ки гуфт: "Паёмбар (с) аз гаҷкории қабр ва нишастан рӯйи он ва сохтани бино бар рӯйи он наҳй намудааст".

**Панҷум: Набояд бар рӯйи қабр чизе навишта шавад**

Дар ҳадиси Ҷобир ин матлаб низ омадааст, ки Паёмбар (с) аз гаҷ задани рӯйи қабр ва навиштан бар он наҳй намуд[1].

**Шашум: Набояд қабрҳоро аз сатҳи замии баланд кард**

Дар ҳадис Алӣ (р) омада, ки "Паёмбар (с) вайро фиристон то ҳамаи қабрҳои муртафеъро бо хок яксон кунад"[2].

Дар сунани Абудовуд низ ҳадисе аз Паёмбар (с) омада аст, ки аз истифода аз санг ва оҷур ва ғайрм наҳй кардааст. Ба ҳамин далел гузаштагони уммат истифода аз оҷурро дар қабристонҳо макруҳ медонистанд.

**Ҳафтум: Набояд қабрҳо маҳали таҷаммуъ шудан ва гуфтугӯ кардан бошад**

Абудовуд аз Абуҳурайра ба сурати марфӯъ аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, ки "Хонаҳои худро

---

[1] : Ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ

[2] : Ривояти Муслим

қабристон насозед ва қабри маро маҳали иҷтимоъ қарор надиҳед ва бар ман дуруд фиристед, зеро ҳар куҷо бошед, дуруди шумо ба ман хоҳад расид".

Абуяъло бо санади худ аз Алӣ бин Ҳусайн ривоят мекунад, ки ӯ мардеро медид, ки вориди шикофе дар канори қабри Паёмбар шуда ва ба дуо кардан мепардохт. Алӣ бин Ҳусайн ӯро аз ин кор наҳй кард ва гуфт: шуморо аз ҳадисе, ки аз падарам шунидам ва ӯ аз ҷаддам ва ӯ аз Паёмбар (с) шунидааст, бо хабар месозам, ки фармуд: "қабри маро маҳали таҷаммуъ қарор надиҳед ва хонаҳои худро бо қабристон табдил накунед, дуруди шумо ҳар куҷо, ки бошад ба ман мерасад".

Дар матни Арабии ҳадис омадааст, ки "қабри маро маҳали "ид" қарор надиҳед. Манзур ин аст, ки онҷоро маҳали иҷтимоъ қарор надиҳед ва дар канори он нанишинед.

Қабри Паёмбар (с), ки боарзиштарин қабри мавҷуди рӯйи замин аст, набояд маҳали ид қарор дода шавад, пас ба тариқи набояд қабри дигаронро маҳали ид қарор дод. Агар касе ҳам хостори дуруд фиристодан бар Паёмбар (с) аст, метавонад ҳар куҷо бошад, бар эшон дуруд фиристад, зеро ба эшон хоҳад расид.

**Чаро набояд қабрҳоро таъзим кард?**

Ҳикмати наҳйи Ислом аз таъзими қубур инаст, ки таъзим агар анҷом шавад, василае барои эҷоди ширки асғар ва акбар аст. Ҳамон гуна, ки дар қавми Нӯҳ иттифоқ афтод ва имрӯза низ шоҳиди он ҳастем.

Ғулӯ ва зиёдарӯйи дар мавриди қабри солиҳон, онро ба бутҳо табдил мекунад, ки ибодат мешаванд, ба ҳамин далел Паёмбар (с) ба таври сареҳ мефамояд: "Худоё қабри маро ба буте, ки парастиш шавад, табдил насоз, зеро ғазаби Худованд бар қавме, ки қабри

Паёмбарони худро ба масоҷид табдил сохтаанд, ҷорӣ шудааст"[1].

Аммо он чӣ ҳар мусалмони ғаюр дар дин нисбат ба он дар таассуф аст, инаст, ки имрӯза бисёре аз мардуми мусалмон мубтало ба амале шудаанд, ки Паёмбар (с) аз он наҳй кардааст. Зеро қабри бархе аз солиҳонро маҳали иҷтимоъ қарор дода, онҳоро маҳкаму устувор ва музайян ба зевари олот намудаанд ва барои он масоҷид ва гунбадҳое сохта ва чароғҳо ва шамъҳое равшан кардаанд ва барои қабрҳо амволи зиёдеро вақф ва назр намуда ва ҳамонанди Каъба онро тавоф мекунанд. Илова бар ин монанди "Ҳаҷарул-асвад" онро ламс намуда ва диворҳои онро барои бӯса задан густариш додаанд, бархе барои он саҷда карда ва гунаҳои худро ба хоки онҷо оғушта мекунанд ва дар баробари он хушуъ ва хузух мекунанд ва ҳамонанди инсонҳои мискин истода ва аз соҳиби қабр бо гиря ва зорӣ кумак мехоҳанд ва ба тоаври мустақим барои пардохти қарзҳо, гушоиши мушкилот, рафъи парешонӣ, шифоъи маризҳо ва пирӯзӣ бар душманон аз онҳо дархости ёрӣ мекунанд. Бархе аз мардум, низ дархостҳои худро ба сурати мактуб барои соҳиби қабр менависанд, ҳамаи инҳо ширки ошкор аст. لا حول ولا قوة إلا بالله.

## 4. Мутабаррик доштани дарахту санг ва ғайра

Яке аз дигар мавориди ширк, ки Паёмбар (с) бо он мубориза карда мутабаррик донистани дарахту санг ва ғайра мебошад. Ба гунае, ки муътақиданд дар ин ашё, асрор ва баракати хосе вуҷуд дорад, ки ҳар кас онро масҳ намояд, ё дар атрофи он тавоф карда ва онро

[1] : Ривояти Молик

зиёрат кунад ва ё канор он бишинад, он баракат ва асрорро ба даст меоварад.

Агар касе чунин эътиқоде дошта бошад ва ба ин аъмол идома диҳад, дучори ширки акбар мешавад. Бутҳои бузург ва машҳури Араб ҳам монанди "лот" ва "манот" ва "узо" ба тартиб дар ибтидо сахра ва санг ва дарахт буданд. Ба ҳамин далел аст, ки Паёмбар (с) аз таъзим ва бузургдошти қубур наҳй карда ва онро мамнуъ донista аст.

Тирмизӣ аз Абувофиди Лайсӣ нақл мекунад, ки мегуяд: "Ҳамроҳ бо Паёмбар (с) барои ғазваи Ҳунайн рафтем –дар ҳоле, ки мо тоза аз миллати куфр ҷудо шуда будем- дар он замон мушрикини як дарахти сидр доштанд, ки дар канори он нишаста ва ба он табаррук меҷустанд ва силоҳҳои худро ба он овезон мекарданд. Ин дарахт ба "зоти анвот" машҳур шуда буд. Мо дар масири ҳаракат ба Ҳунайн ба он дарахт расидем. Ба Паёмбар (с) гуфтем: Эй Паёмбари Худо (с)! Ҳамон гуна, ки мушрикин чунин дарахте доранд барои мо ҳам мисли онро қарор бидеҳ. Паёмбар (с) фармуд: "Аллоҳу акбар! Ин кор равиши гузаштагони Бани Исроил аст (санан) . Қасам ба касе, ки ҷонам дар дасти ӯст, ҳамон чизеро гуфтед, ки Бани Исроил ба Мусо гуфтанд:

﴿يَامُوسَى اجْعَل لَنَا إِلَهًا كَمَا لَهُمْ آلِهَةٌ قَالَ إِنَّكُمْ قَوْمٌ تَجْهَلُونَ﴾[1].

"Гуфтанд: эй Мусо! Барои мо маъбуде бисоз ҳамон гуна, ки онон дорои маъбудҳое ҳастанд. Мусо гуфт: шумо нодоне ҳастед (ва намедонед ибодати ростин чист ва Худое, ки бояд парастида шавад, кист?"[2].

Зоҳири ривоят чунин нишон медиҳад, ки онон фақат қасди табаррук ҷустан ба он дарахт ва овезон кардани силоҳҳо бар он доштанд, аммо бо ин вуҷуд

---

[1] : Сураи Аъроф 138

[2] : Ривояти Тирмизӣ ва онро саҳеҳ донистааст

Паёмбар (с) онҳоро ба шиддат манъ мекунад, то аз ҳамон ибтидо роҳро бар ширк баста бошад.

Ин ҳам ҷойи таъассуф дорад, ки бисёре аз мусалмонон аз равиши Паёмбар (с) гумроҳ шуда ва суннати пешиниёнро пайравӣ мекунанд ва барои худ сангҳо ва чубҳо ва муҷассамаҳое доранд, ки аз он табаррук меҷуянд, онро масҳ карда ва дар канорашон дуо мекунанд ва ҳатто онро василае расиданд ба Худо қарор дода ва худро ҳамонанди мушрикин, ки ба бутҳо вобаста карда буданд, ба онҳо вобаста кардаанд. Дар воқеъ дар миёни муслимин чизҳои бисёр монанди "зоти анвот вуҷуд дорад, ки Паёмбар (с) аз он наҳй намудааст.

Бар мусалмонон ва ҳокимон ва хусусан олимон воҷиб аст, ки ин амри мункарро аз байн бурда ва ин дарахтон ва сутунҳо ва қабрҳо ва чубҳо ва чашмаҳо ва сангҳо ва ғайраро (ки ҷанбаи муқаддас ва табаррук гирифтанд) нобуд кунанд ва бо ин кор аз равиши Паёмбар (с) пайравӣ кунанд, ки Алиро барои нобудии қабрҳои барҷаста ва ҳамвор намуданди қабристон амр намуд.

Дар саҳеҳи Муслим омада, ки Абулҳиёҷи Асадӣ мегӯяд: "Алӣ (р) ба ӯ гуфт: Эй Абулҳиёҷ! Ҳамон гуна, ки Паёмбар (с) ба ман амр кард, ки ҳамаи муҷассамаҳоро муталошӣ ва ҳамаи қабрҳои муртафеъ ва барҷастаро бо хок яксон кунам, ман низ туро ба ин кор амр мекунам".

Имом Тартасии Моликӣ гуфтааст: "Ҳангоме, ки Умар (р) шунид иддае аз мардум ба канори дарахти "Байъатур-ризвон", яъне маҳали байъати Асҳоб бо Паёмбар (с) мераванд, то онҷо намоз бихонанд, дастур дод, ки он дарахтро барои ҷалавгирӣ аз эҷоди фитна қатъ кунанд".

Ҳоле, ки Умар (р) бо дарахте, ки дар Қуръон ба он ишора шуда ва Паёмбар дар зери он бо Асҳоби худ дар зери он байъат намуда, чунин бархурд мекунад, бо муҷассамаҳо ва бутҳое, ки сабаби густариши фитна ва шиддат ёфтани балоҳо ва мусибатҳо шуда, чӣ бояд кард?.

Имом Тартасӣ дубора мегӯяд: "Худованд ба шумо раҳм кунад, ҷустуҷӯ кунед, ҳар ҷо дарахте ёфтед, ки мардум ба он таваҷҷуҳ намуда ва таъзимаш карданд ва аз он орзӯй шифои бемориро доштанд ва дар он мех кубида ва бар рӯйи он порча овезон карданд, онро қатъ кунед, зеро ҳамон "зоти анвот" аст.

Мубаррир бин Сувайд гуфта аст, ки: ҳамроҳи Умар бин Хаттоб (р) дар роҳи Макка намози субҳро хондам. Дар намоз сураи Фил ва Қурайшро хонд. Пас аз он дид, ки мардум аз масирҳои мухталиф ба ҷое мераванд. Пурсид: онон куҷо мераванд? Гуфта шуд: Эй Амири мӯминон! Онон ба масҷиде мераванд, ки Паёмбар (с) дар он намоз хонда аст. Умар (р) гуфт: гузаштагон низ бо анҷоми ҳамин кор ҳалок шуданд. Онон низ ба дунболи осор ва биноҳои Паёмбаронашон буданд ва онро ба каниса ва калисо табдил карданд. Пас шумо агар бо сурати иттифоқе ҳаргоми намоз бо чунин маконҳое расидед, дар он намоз бихонед, дар ғайри ин сурат аз онҷо бигзаред ва ба таври махсус барои адои намоз ба онҷо наравед".

Ин иқдом Умар бин Хаттоб нишон аз дарки волои ӯ аз дин ва алоқаи шадиди ӯ барои ҳифозати ақидаи муслимин ва ҷалавгирӣ аз ғулӯ ва инҳирофи онон дорад.

## 5. Алфозе, ки рангу бӯйи ширк доранд

Яке аз дигар мавориде, ки Паёмбар (с) аз он наҳӣ намуда, ба кор бурдани алфозест, ки нишоне аз ширк, ё беадабӣ нисбат ба Худованд дорад ва ин ба хотири ҳифозати эшон аз ҳад ва марзи тавҳид аст.

**Аввал:** Аз ҷумлаи гуфтаҳои ширкомез инаст, ки касе бигӯяд: "ҳар чӣ ки Худо ва фалон бихоҳад, ҳамон хоҳад шуд", ё "бо номи Худо ва подшоҳ ва миллат" қаблан баён шуд, ки Паёмбар (с) ба касе, ки вайро чунин хитоб кард, таҷаккур дод, ки чунин нагӯяд. Ҳузайфа аз Паёмбар (с) нақл мекунад, ки фармуд: "Нагӯед ҳар чӣ, ки Худо ва фалонӣ бихоҳанд, балки бигӯед: "ҳар чӣ Худо ва пас аз Худо фалонӣ бихоҳад, ҳамон хоҳад шуд"[1].

**Дуввум**: Ё ин, ки гуфта шавад: агар Худо ва фалон набуданд, ё бар Худо ва бар ту эътимод кардам ва ғайра.

Ибни Аббос дар тафсири ояти ﴿ فَلَا تَجْعَلُوا لِلَّهِ أَندَادًا وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴾[2] мефармояд: "андод ҳамон ширк аст, ки аз роҳи рафтани мурча бар сахраи сиёҳ дар шаби торик махфитар аст ва маънои он инаст, ки бигӯйи: "савганд ба Худо ва ҷони ту эй фалонӣ ва савганд ба ҷонам" ё бигӯйи: "агар саги фалонӣ набуд, дузд ба мо ҳамла мекард", ё шахсе ба дӯсташ бигӯяд: "ҳар чӣ, ки Худо ва ту бихоҳед", ё касе бигӯяд: "агар фалон ва фалон набуд...". Ҳамаи ин маворид ширк аст"[3].

**Саввум:** яке дигаре аз ин алфоз инаст, ки инсонҳо бо асмои Худо ё мавориде, ки фақат шоистаи ӯст, ном гузошта шаванд.

---

[1] : Ривояти Абудовуд бо санади саҳеҳ

[2] : Сураи Бақара 22

[3] : Ба ривояти Ибни Абиҳотам

Абудовуд аз Абушурайҳ ривоят мекунад, ки кунияи ӯ Абулҳакам буд. Паёмбар (с) ба ӯ гуфт: "Фақат Худованд ҳакам аст ва ҳукм ҳам дар ихтиёри ӯст, сипас кунияи ӯро ба "Шурайҳ" калонтарин фарзандонаш, тағйир дод".

Дар ҳадиси саҳеҳ аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки аз Паёбар (с) нақл карда, ки фармуд: "Бемаънотарин ва пастарин ном назди Худо "Маликул-амлок = молики сарзаминҳоҳ аст, зеро ҳеҷ молике ҷуз Худо вуҷуд надорад".

Сафён бин Уяйна мегӯяд: "Назди форсизабонон низ чунин луғате вуҷул дорад, онон мегӯянд: шоҳаншоҳ".

Дар ривояти дигар касеро, ки ба чунин номҳои мавсум бошад, манфуртарин ва палидтарин инсон дар рӯзи қиёмат муъаррифӣ кардааст.

**Чаҳорум**: яке дигар аз ин маворид инаст, ки дар он бандагӣ ба ғайр аз Худо нисбат дода шавад, монанди: Абдулкаъба, Абдуннабӣ, Абдулҳусайн, Абдулмасеҳ ва ғайра.

Ибни Ҳазм иҷоъи ҳамаи уламоро дар мавриди ҳаром будани ин номҳо нақл намудааст, ба ғайр аз Абдулмуталлиб.

**Панҷум**: дашном додан ба замон дар ҳангоми сахтиҳо ва мушкилот ва мусибатҳо низ ҷузъи ҳамин алфоз ширкомез аст, зеро дашном додан ба замон ва рӯзгон, навъе шикоят кардан ва асабонӣ шудан аз Худост, зеро тадбири умур ва тағйир ва табдили шабу рӯз ба дасти Худост ва ӯст, ки ҳамаи иттифоқоти ҷаҳонро ба вуҷуд меоварад. Ба ҳамин далел дар ҳадиси саҳеҳ чунин омада: "Худованд фармуд: Бани Одам маро озор медиҳанд. рӯзгорро дашном медиҳанд, дар ҳоле, ки ман рӯзгорам ва шабу рӯзро мегардонам".

## Осори тавҳид дар зиндагӣ

Ба ростӣ, ки тавҳиди холис ва покиза аз ширк ва олудагиҳои он агар дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоъии инсонҳо ба анҷом расад, хушояндатарин натоиҷ ва судмандтарин осорро ба ҳамроҳ меоварад.

Аз ҷумлаи осор ва натоиҷи тавҳид:

### 1. Тавҳид, яъне озодии инсон

Ҳамаи ашкол ва нишонаҳои ширк ҷузъи хиффат ва хории инсон, чизе ба бор намеоварад, зеро ӯро ба хузуъ ва таслим дар баробари махлуқот, бандагии ашё ва инсонҳое вомедорад, ки қудрати офариниш надошта ва худ офарида шуда ҳастанд ва ҳатто тавонои дафъи зарар ё касби манфиъате барои худро надорад ва маргу зиндагӣ ва зинда шудани онҳо низ аз ихтиёрашон хориҷ аст.

Аммо воқеъияти тавҳид, озодии инсон аз тамоми мазоҳири бандагист ва ӯро фақат ба бандагии Худо мекушояд, ки ӯро халқ карда ва таъодул бахшида, тавҳид озодии ақли инсон аз хурофот ва гумонҳои бепоя аст. Тавҳид озодии даруни инсон аз таслим ва хузуъ ва зиллат дар баробари ҳамаи ношоистагон ва озодии инсон аз тасаллути фиръавниён ва худовандони дуруғин ва худогунаҳост.

Инаст, ки дар баробари даъвати ҳамаи Паёмбарон бо таври умум ва дар баробари даъвати Паёмбари Ислом ба таври хусус, раҳбарони ширк ва сардамдорони тоғути ҷоҳилият истодаанд ва бо он мубориза кардаанд, зеро онон маънои "لا إلـه إلا الله" ро медонистанд, ки озодии башар ва фуру андохтани ситамгорон аз тахти худои дуруғинро дар бар дорад ва пешонии мӯминони мухлисро боло нигоҳ медорад, ба

гунае, ки ҷуз барои саҷдаи Парвардигори ҷаҳониён ба зер намеафтад.

### 2. Тавҳид омили эҷоди шахсияти матлуб

Тавҳид инсонро дар ҷиҳати ташкили шахси матлуб ёрӣ медиҳад, шахсияте, ки дорои ҷиҳатгирии муъайян, ҳадафи воҳид ва масири мушаххас аст. Шахсияти муваҳҳад фақат як Худо дорад, ки дар дарун ва берун фақат ӯро дар назар дорад ва дар хушӣ ва нохушӣ фақат ӯро садо мезанад ва дар рез ва дурушт зиндагӣ барои ризои ӯ кор мекунад.

Бар хилофи мушрик, ки худоёни мухталиф, қалби ӯро тикка тикка карда ва ҳар гуша аз зиндагии ӯ вобаста ба маъбудоне шудааст. Гоҳе ба сӯйи Худо майл мекунад ва гоҳе ба сӯйи бутҳо, гоҳе ба сӯйи ин бут ва гоҳе ба сӯйи он бути дигар.

Ба ин далел аст, ки Юсуф (а) мефармояд:

﴿يَاصَاحِبَيِ السِّجْنِ أَأَرْبَابٌ مُتَفَرِّقُونَ خَيْرٌ أَمِ اللَّهُ الْوَاحِدُ الْقَهَّارُ﴾[1].

"Эй дӯстони зиндонии ман! оё Худоён барокарда беҳтаранд, ё Худои ягонаи қоҳир ва ғолиб".

Худованд низ чунин мисол мезанад:

﴿ضَرَبَ اللَّهُ مَثَلًا رَجُلًا فِيهِ شُرَكَاءُ مُتَشَاكِسُونَ وَرَجُلًا سَلَمًا﴾[2].

"Худованд мисоле зада аст: мардеро, ки барда барда шариконе аст, ки пайваста дар бораи ӯ мушоҷара ва мунозаъа машғуланд (ва ҳар кадом ӯро ба коре дастӯр медиҳад ва ӯ дар миёни дастурҳои зидду нақизи эшон саргардон ва вайлон аст) ва мардеро, ки танҳо таслими як нафар аст (ва таҳти сарпарастии ӯ ва хат ва барномааш мушаххас аст) оё ин ду баробаранд?".

Инсони мӯмин монанди бандае аст, ки дорои як оқо ва сарвар аст, ки медонад, ки чӣ чиз оқояшро

---

[1] : Сураи Юсуф 39

[2] : Сураи Зумар 29

хушнуд ва чӣ чиз ӯро хашмгин месозад, пас бо розӣ кардани ӯ ба оромиш ва осоиш мерасад. Аммо шахси мушрик монанди бандае аст, ки дорои чанд оқо ва арбоб аст. Яке аз онҳо ӯро ба шарқ ва дигаре ба ғарб мефиристад. Яке бо рост ва дигаре ба чап фаро мехонад ва ӯ монанди колои чанд ширик аст, ки бо ҳам ихтилоф доранд ва ӯ дар миёни онҳо парешон ва музтариб ва бе субот ва ноором аст.

### 3. Тавҳид сарчасмаи оромиши дарунӣ

Тавҳид даруни инсонро пӯр аз оромиш ва итминон мекунад ва муваҳҳиди комилан аз хавфу ҳароси ҳоким бар аҳли ширк дӯр аст, заро ба василаи тавҳид роҳҳои нуфузи тарсро, ки мардум худ бар худ бо мекунанд, мебандад, монанди тарс аз набудани ризқу рӯзӣ, тарс аз аҷал, тарс бар худ, тарс бар аҳлу фарзандон, тарс аз соири инсонҳо, тарс аз ҷинниҳо, тарс аз марг ва тарс аз зиндагии пас аз марг ва ғайра.

Аммо инсони мӯмини муваҳҳид аз чизе ва касе ҷуз Худованд наметарсад. Ба ҳамин далел ба ҳангоми тарси мардум эмин, ба ҳаргоми нигаронии онҳо ором ва ба ҳангоми парешонии онон ӯ мутаъин ва бо субот аст. Қуръои карим дар ҳамин робита достони гуфтугӯи Иброҳим (а)ро бо қавми мушрикаш, ки ӯро аз бутҳо ва худоёни ботили худ метарсонданд, нақл мекунад, ки бо таъаҷҷуб ва шигифт аз чунин эътиқоде ба онҳо мегӯяд:

﴿وَكَيْفَ أَخَافُ مَا أَشْرَكْتُمْ وَلَا تَخَافُونَ أَنَّكُمْ أَشْرَكْتُمْ بِاللَّهِ مَا لَمْ يُنَزِّلْ بِهِ عَلَيْكُمْ سُلْطَانًا فَأَيُّ الْفَرِيقَيْنِ أَحَقُّ بِالْأَمْنِ إِنْ كُنتُمْ تَعْلَمُونَ﴾[١].

"Чи гуна ман аз чизе, ки онро шарики Худо сохтаед, метарсам? Ва ҳоло он, ки шумо аз ин наметарсед, ки барои Худованди (ҷаҳониён, ки ҳамаи коинот далели ягонии ӯст) чизеро шарик қарор додаед,

[1] : Сураи Анъом 81

ки Худованд далеле бар (ҳақонияти) он барои шумо нафиристодааст? Пас кадом як аз ин ду гуруҳ ( бутпараст ва Худопараст) шоистатар ба амн ва амон (ва натарсидан аз муҷозоти Яздон) аст, агар медонед?".

Худованд дар идомаи ҳамин оят мушаххас месозад, ки кадом як аз ин ду гуруҳ лоиқи тарс ва ҳаросанд:

﴿الَّذِينَ آمَنُوا وَلَمْ يَلْبِسُوا إِيمَانَهُمْ بِظُلْمٍ أُوْلَئِكَ لَهُمْ الْأَمْنُ وَهُمْ مُهْتَدُونَ﴾[1].

"Касоне, ки имон оварда бошанд ва имони худро бо ширк наёмехта бошанд, амну амон шоистаи онҳост ва онон роҳёфтагон ҳастанд".

Оромиши ин мӯминон аз даруни оно сарчашма мегирад, на аз посдории нигаҳбон ва ин амнияти онон дар дунёст, аммо амнияти онон дар охират бештар ва пояндатар аст, зеро худро барои Худо холис карданд ва тавҳиди онон бо ширк омехта нест.

Аммо БУхорӣ аз Ибни Масъуд (р) нақл мекунад, ки "Ҳангоми нузули ояти "الَّذِينَ آمَنُوا وَلَمْ يَلْبِسُوا إِيمَانَهُمْ بِظُلْمٍ" гуфтем: Эй Расули Худо! Ҳамаи мо бо худ зулм мекунем. Оё шомили ин оя хоҳем шуд? Паёмбар (с) фармуд: "Он гуна нест, ки шумо фикр мекунед, оё нашунидед, ки Луқмон ба писари худ мегӯфт: "Эй писарам! Барои Худо шарик масоз, зеро ширк зулми бузургест"[2]. Пас биндонед, ки маънои "وَلَمْ يَلْبِسُوا إِيمَانَهُمْ بِظُلْمٍ " инаст, ки онон дини худро барои Худо холис карда ва бо ширк тавҳидашонро олӯда накарданд".

## 4. Тавҳид манбаъи эътимод ба нафс

Тавҳид ба шахси мусалмон нерӯи дарунии бисёр қавӣ мебахшад ва ин бадин хотир аст, ки даруни ӯро дабрез аз ӯмед ба Худо, эътимод ба ӯ ва таваккал бар ӯ

---

[1] : Сураи Анъом 82

[2] : Сураи Луқмон 13

месозад, ӯро ба қазои Худо хушнӯд ва дар озмунҳои сабӯр ва халқу ҷаҳон бе ниёз месозад. Тавҳид чунонаст, ки мусалмонро ҳамонанди куҳи устуворе месозад, ки ҳаводис ногувор вайро ба тазалзул наандохта ва мусибатҳое дарднок вайро ба ларза намеандозад ва ҳар андоза, ки бало бештар бар ӯ нозил шавад ё сахтӣ ва мусибат вайро дар бар гирад, боз ҳам аз паноҳ бурдан ба махлуқот худорӣ карда ва ба Холиқи маҳбубаш рӯй меоварад. фақат аз ӯ мехоҳад, аз ӯ мадад меҷӯяд, ба ӯ эътимод мекунад ва ба дигарон умеде барои дафъи зарар ё касби хайр надорад ва дасташро ба назди касе ҷуз Худованд дароз намекунад ва ниёзи худро бо гиря ва зорӣ  ва пушаймонӣ фақат аз ӯ талаб мекунад ва шиори Паёмбарро, ки ба Ибни Аббос омузиш дод, меъёри худо худ қарор медиҳад, ки фармуд: "Агар дархосте доштӣ, аз Худованд бихоҳ, ва агар ёрӣ хостӣ аз ӯ талаб намо", ва ояти зер ҳам раҳнамои ӯст:

﴿وَإِنْ يَمْسَسْكَ اللَّهُ بِضُرٍّ فَلَا كَاشِفَ لَهُ إِلَّا هُوَ وَإِنْ يُرِدْكَ بِخَيْرٍ فَلَا رَادَّ لِفَضْلِهِ يُصِيبُ بِهِ مَنْ يَشَاءُ مِنْ عِبَادِهِ وَهُوَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ﴾[1].

"Ва агар Худо ба ту зиёне бирасонад, ҷуз Ӯ касе дафъи он натавонад кард Ва агар барои ту хайре бихоҳад, ҳеҷ кас фазли Ӯро бознатавонад дошт. Фазли худро ба ҳар кас аз бандагонаш, ки бихоҳад, мерасонад ва Ӯ омурзандаву меҳрубон аст!".

Акнун ба посухи Ҳуд (а) менигарем, ки дар баробари қавмаш, ки ӯро аз кайду макри бутҳо метарсонданд, изҳор дошт:

﴿إِنِّي أُشْهِدُ اللَّهَ وَاشْهَدُوا أَنِّي بَرِيءٌ مِمَّا تُشْرِكُونَ  مِنْ دُونِهِ فَكِيدُونِي جَمِيعًا ثُمَّ لَا تُنْظِرُونِي (هود٥٥) إِنِّي تَوَكَّلْتُ عَلَى اللَّهِ رَبِّي وَرَبِّكُمْ مَا مِنْ دَابَّةٍ إِلَّا هُوَ آخِذٌ بِنَاصِيَتِهَا إِنَّ رَبِّي عَلَى صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ﴾[2].

[1] : Сураи Юнус 107

[2] : Сураи Ҳуд 54-55-56

"Гуфт: «Худоро гувоҳ мегирам ва шумо низ гувоҳ бошед, ки ман аз он чӣ ғайри Худои якто ба ширк мепарастед, безорам. Ҳамагӣ ба ҳилагарӣ бар зидди ман бархезед ва маро мӯҳлат надиҳед. Ман бар Худои якто, ки Парвардигори ман ва Парвардигори шумост, таваккал кардам. Ҳеҷ ҷунбандае, нест магар он ки зимоми ихтиёрашро Ӯ гирифтааст. Албатта Парвардигори ман бар сироти мустақим аст!".

Гуфтаҳои Ҳуд (а) нишон аз мантиқи қавӣ, эътимод ба нафс, иродаи устувор, имони сустинопазир ва ҷустуҷӯгар дорад ва рӯҳе, ки на заъф мешиносад ва на тарс, зеро қудрати худро аз таваккал бар Худо ба даст овардааст:

﴿وَمَنْ يَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ فَإِنَّ اللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ﴾[1].

"Ва ҳар кас, ки ба Худо таваккул кунад (Худо ӯро басанда аст) зеро муқтадир ва тавоност ва корҳоро баҷо ва аз рӯйи фалсафа анҷом медиҳад".

### 5. Тавҳид асоси бародарӣ ва баробарӣ

Акнун, ки тавҳид асоси озодии инсон ва эътироф ба иззат ва кароматӣ ӯ шумурда мешавад, бояд донист, ки асоси бародарӣ ва баробарии инсонҳо низ ҳаст, зеро агар қарор бошад бархе аз инсонҳо арбоби бархи дигаре бошанд, баробарӣ ва бародарӣ дар миёни онон эҷод нахоҳад шуд.

Аммо агар ҳама ба таври яксон бандаи Худо бошанд, асоси бародарӣ ва баробарӣ шакл хоҳад гирифт, ба ҳамин далел аст, ки Паёмбар (с) аз интиҳои даъвати подшоҳон ва фармонравоёни кишварҳо чунин мегӯфтанд:

[1] : Сураи Анфол 49

﴿تَعَالَوْا إِلَى كَلِمَةٍ سَوَاءٍ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ﴾[1].

"Эй аҳли китоб! Биёед аз он калимаи ҳақ, ки миёни мо ва шумо яксон аст, пайравӣ кунем, ки ҷуз Худои якторо напарастем ва чизеро бо ӯ шарик қарор надиҳем ва бархе аз мо бархи дигареро ба ҷойи Худо ба рубубият таъзим накунем".

Яке аз дуоҳои Паёмбар (с) низ, ки дар поёни намоз мехонд, ин дуои зебо ва арзишманд аст:

«اللّهُمَّ رَبُّنا وَ رَبُّ كُلِّ شَيءٍ وَ مَليكِهِ، أنَا شَهيدٌ أَنَّكَ اللهُ وَحْدَكَ لا شريكَ لَكَ»

«اللُّهمَّ رَبُّنا وَ رَبُّ كُلِّ شَيءٍ وَ مَليكِهِ، أنَا شَهيدٌ أنَّ مُحَمَّداً عَبْدُكَ وَ رَسُولُكَ»

«اللهمَّ رَبُّنا وَ رَبُّ كُلِّ شَيءٍ وَ مَليكِهِ، أنَا شَهيدٌ أنَّ العِبادَ كُلُّهُم إخْوَةٌ»

"Эй бори Худоё! Парвардигори мо ва Парвардигор ва молики ҳар чиз, ман гувоҳам, ки ту Худои ягона ва бешарикӣ".

"Эй бори Худоё! Парвардигори мо ва Парвардигор ва молики ҳар чиз, ман гувоҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи туст".

"Эй бори Худоё! Парвардигори мо ва Парвардигор ва молики ҳар чиз, ман гувоҳам, ки ҳамаи бандагон бо ҳам бародаранд".

Ин шаҳодатҳои сегонаи Паёмбар (с) бо якдигар дар иртиботанд. Бародарии миёни инсонҳо бар ду шаҳодат аввал устувор аст.

Дар шаҳодати аввал омадааст, ки Худованди таъоло дар Улуҳият яктост, шарике надорад ва танҳост ва ҷуз ӯ касе шоистаи хузух ва ибодат нест. Дар шаҳодати дуввуми омадааст, ки Муҳаммад (с) низ бандаи Худо ва таблиғкунандаи дастуроти ӯст ва ҳамин амр ҳар гуна шубҳаи Худоиро аз ӯ дур мекунад. Дар воқеъ Муҳаммад (с) на Худост, на писари Худо ва на

[1] : Сураи Оли Имрон 64

Худои саввумӣ, ки Масиҳиён дар мавриди Исо чунон фикр мекунанд.

Ҳоло бо исботи ду ҳақиқат ва шаҳодатшуда, ҳақиқати саввум ҳам, ки баёнгари бародарӣ ва баробарии инсонҳост, собит мешавад. Пас ҳеҷ гуна табъизи нажодӣ ва бартарии рангҳо ва насабҳо вуҷуд надорад.

﴿إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ﴾[1].

"Албатта гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост".

Пас Худо танҳо ва бешарик аст. Ҳамаи инсонҳо аз ҷумла Муҳаммад (с) бандагони Худо ҳастанд, пас бо ҳам баробар ва бародаранд.

## Мафосид ва зиёнҳои ширк

Ширк дорои мафосид ва зиёнҳои бисёре дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоъии инсонҳост.

### 1. Ширк сабаби пастӣ ва хории инсоният

Ширк дар воқеъ тавҳин ба кароматӣ инсон ва нобудии мақом ва манзалати волои уст. Худованд вайро ҷонишини худ дар замин қарор дода, ба ӯ каромат бахшида ва номи ҳамаи ашёро ба ӯ омӯзиш додааст ва ҳар чиро, ки дар осмонҳо ва замин аст, барои ӯ мусаххар карда ва мақами риёсат ва оқоии ҷаҳонро ба ӯ бахшида аст. Аммо ӯ нисбат ба мақоми волои худ ҷоҳил аст, ба тавре, ки бархе аз аносири ин ҷаҳонро худои маъбуди худ қарор дода, барояш хузуъ ва суҷуд мекунад ва худро дар баробараш залил мегардонад, дар ҳоле, ки сарвари тамоми холоиқ аст. Худовад мефармояд:

---

[1] : Сураи Ҳуҷурот 13

﴿وَمِنْ آيَاتِهِ اللَّيْلُ وَالنَّهَارُ وَالشَّمْسُ وَالْقَمَرُ لَا تَسْجُدُوا لِلشَّمْسِ وَلَا لِلْقَمَرِ وَاسْجُدُوا لِلَّهِ الَّذِي خَلَقَهُنَّ إِنْ كُنْتُمْ إِيَّاهُ تَعْبُدُونَ﴾.[1] Аз нишонаҳои (қудрати) Худо, шабу рӯз ва хуршеду моҳ аст. Барои хуршед ва моҳ саҷда накунед, барои Худое, ки онҳоро офарида аст, саҷда кунед, агар воқеъан ӯро ибодат ва парастиш мекунед".

Оё иҳонати аз ин бузургтар вуҷуд дорад, ки дида мешавад –ҳатто то имрӯз- садҳо миллион инсонҳо ба ибодати гов, ки худ барои инсонҳо ва барои хидмат ва хуроки ӯ офарида шудааст, мепардозанд. Ва имрӯза гов яке аз маъбудони муқаддаси башар қарор горифтааст?.

Қуръон баён мекунад, ки чӣ гуна шикр инсонҳоро ба инҳитот ва нобудӣ мекашонад:

﴿وَمَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ فَكَأَنَّمَا خَرَّ مِنَ السَّمَاءِ فَتَخْطَفُهُ الطَّيْرُ أَوْ تَهْوِي بِهِ الرِّيحُ فِي مَكَانٍ سَحِيقٍ﴾[2].

Ва ҳар касе, ки ба Худо ширк меорад (дар аҷз ва нотавонӣ) бадон монанди онаст, ки гӯё аз осмон дарафтода ва мурғон (дар фазо) баданашро (қитъа қитъа) бирабоянд, ё боди тунд ӯро ба макони дӯр биафканад".

## 2. Ширк лонаи хурофот

Ширк лонаи хурофот ва бовариҳои ботил аст, зеро кас ки ситорагон ва ҷинн ва шабаҳҳо ва арвоҳ ва ғайраро дар умури ҳастӣ муассир медонад, ақли худро барои пазириши хурофот ва тасдиқи ҳар даҷҷоли дуруғпардоз муҳайё мекунад. Ба ҳамин далел, боварҳои ботили соҳиронр ва пешгӯён ва мунаҷҷимин, ки даъвои донистани ғайб ва иртибот бо неруҳои махфиро доранд, ҳамонанди аҷноси беарзиш дар ҷомиъаи ҷоҳилӣ ривоҷ меёбад. Аз тарафи дигар дар чунин ҷомеъаҳое бетаваҷҷуҳӣ ба асбоб ва қавонини одӣ ва

[1] : Сураи Фуссилат 37

[2] : Сураи Ҳаҷ 31

ҷории ҳастӣ густариш ёфта ва мардуми чунин ҷомеъаҳое бештар аз таъвизу афсун ва ҷоду ва сеҳр истифода мекунанд.

### 3. Ширк зулми бузург аст

Шикр зулми азим аст. Зулм ба ҳақиқат, зулм ба худ ва дигарон. Зулм ба ҳақиқат, зеро бузургтарин ҳақиқати мавҷуд, якто будани Худо, имон ба Парвардигори якто ва напазируфтани ҳукми ғайри Худо, аммо мушрик ғайр аз Худои якто, худои дигар, рабби дигар ва ҳокими дигарро мепазирад. Пас ба ҳақиқат зулм кардааст.

Ширк зулм ба худи шахс низ ҳаст, зеро мушрик худашро бандаи махлуқе чун худ, ё пастар аз худ қарор медиҳад, дар ҳоле, ки Худо ӯро озод офарида аст.

Ширк зулм ба дигарон низ ҳаст, зеро чизеро шарики Худо қарор медиҳад, ки шоистагии он мақомро надошта ва ҳаққи ӯ нест.

### 4. Ширк манбаи тарсу воҳима

Ширк манбаи тарсу воҳима аст ва дар муқобили он, тавҳид масдари амният ва оромиш аст, зеро касе, ки ақлаш хурофоту аботил ва масоили беарзишро мепазирад, аз ҷиҳоти мухталиф дучори тарс аз худоён ва ходимони онҳо мешавад ва авҳоме, ки хидматгорони ширк ва соҳирон ва пайравони онҳо тарвиҷ мекунанд, вайро дар мегирад. Ба ҳамин далел дар фазои ширк ва хурофот, бангумонӣ ва бадшугуниву тарси беасос мунташир мешавад. Худо дар ин бора фармудааст:

﴿سَنُلْقِي فِي قُلُوبِ الَّذِينَ كَفَرُوا الرُّعْبَ بِمَا أَشْرَكُوا بِاللَّهِ مَا لَمْ يُنَزِّلْ بِهِ سُلْطَانًا﴾[1].

[1] : Сураи Оли Имрон 151

"Дар дилҳои кофирон руъб ва тарс хоҳем андохт, аз он рӯ, ки чизҳоеро шарики Худо сохтанд, ки Худованд далел ва бурҳоне (бар ҳаққонияти онҳо) фуру нафиристодааст".

## 5. Ширк нерӯ ва тавоноиро аз инсон мегирад

Ширк амали муфидро аз байн мебарад ва ангезаи кор ва талошу эътимод ба нафср аз инсон мегирад, зеро ширк ба пайравони худ меомузад, ки ҳар гуна аъмоли зишту палид ва гуноҳи кабираро муртакиб шаванд, ба ин умед, ки шафиъон ва воситаҳои онон назди Худованд барояшон илтимос ва хоҳиш мекунанд ва ин бовар ҳамон эътиқоди мушрикини Араб аст, ки дар мавриди худоён ва бутҳояшон доштанд.

﴿وَيَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمْ وَلَا يَنْفَعُهُمْ وَيَقُولُونَ هَؤُلَاءِ شُفَعَاؤُنَا عِنْدَ اللَّهِ﴾[1].

"Онҳо ғайр аз Худо чизҳоеро мепарастанд, ки на ба эшон зиёне мерасонанд аз сӯде ва мегӯянд инҳо миёнҷиҳои мо дар назди Худоянд".

Масиҳиён низ чунин боваре доранд, зеро мепиндоранд, ки бар чубаи дор рафтани Масеҳ, ҳамаи гуноҳон ва хатоҳои ононро аз байн мебарад ва ин сарнавишти Масеҳ сабаби покии онон хоҳад шуд.

## 6. Осори ширк дар охират

Он чӣ, ки баён шуд, осори ва натоиҷи ширк дар дунё буд, аммо барои баёни осори он дар охират кофист, ки бидонем, ширк гуноҳест, ки бахшида намешавад ва Худованд фармудааст:

﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَغْفِرُ أَنْ يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَلِكَ لِمَنْ يَشَاءُ وَمَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ فَقَدِ افْتَرَى إِثْمًا عَظِيمًا﴾[2].

---

[1] : Сураи Юнус 18

[2] : Сураи Нисо 48

"Бе гумон Худованд (ҳар гиз) ширк ба худро намебахшад, вале гуноҳони ҷуз онро аз ҳар кас, ки бихоҳад мебахшад ва ҳар ки барои Худо ширик қоил шавад, гуноҳи бузурге муртакиб шудааст".

Инсони мушрик, роҳе ҷуз ба сӯйи оташ надорад ва биҳишт бар ӯ ҳаром аст. Худованд фармуд:

﴿إِنَّهُ مَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ اللَّهُ عَلَيْهِ الْجَنَّةَ وَمَأْوَاهُ النَّارُ وَمَا لِلظَّالِمِينَ مِنْ أَنصَارٍ﴾[1].

"Бе гумон ҳар кас шарике барои Худо қарор диҳад, Худо биҳиштро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳи ӯ оташи дӯзах аст ва ситамгорон ёру ёваре надоранд".

Паёмбар (с) низ фармудааст:

"Ҳар кас, ки бо ширк ба дидори Худо равад, ба оташ хоҳад афтод".

## Поён.

[1] : Сураи Моида 72

# Феҳрасти матолиб

**Имон ба Худованд асоси тавҳид**....................................2
**Ислом тавҳидро маҳвар қарор додааст**......................4
**Фитрати инсонҳо далели ягонагии Худованд**..........7
**Ақл далел бар ягонагии Худованд** ...............................8
**Ваҳй далеле бар ягонагии Худованд**..........................12
**Тавҳиди ҷавҳари имон ба Худо**..................................13
**Тавҳиде, ки ба он амр шудааст**...................................18
Аввал: Тавҳиди Рубубият..................................................19
Дуввум:  Тавҳиди Улуҳият................................................21
Маънои ибодат....................................................................22
Шеваҳои мухталифи ибодат ва анвоъи он....................23
Аҳамияти тавҳиди улуҳият..............................................24
لا إله إلا الله, унвони тавҳид...................................................24
Тавҳид аввалин вазифаи Паёмбарон.............................25
Тавҳид шиъори Ислом.....................................................27
ТАВҲИД ҲАҚҚИ Худо бар бандагон.................................28
Тавҳид барнома ва ҳадафи мусалмон
дар зиндагӣ...........................................................................30
Иблоғи тавҳид вазифаи уммати Ислом........................31
**Тавҳид чӣ гуна таҳаққуқ меёбад?**...............................32
Аввал: Ибодат холис барои Худо...................................33
Дуввум: Кофир донистани тоғутиён..............................36
Маънои тоғут.......................................................................38
Саввум: Ҳифозат аз худ дар баробари ширк
ва парҳез аз
он.....................................................................39
**Ширк**...................................................................................40
Анвоъи ширк.......................................................................40
Ширки акбар.......................................................................40
Мисолҳое аз ширки ошкор (ҷалий)...............................41
Мисолҳое аз ширки пинҳон (хафий)..............................41

Ширки асғар....................................................................47
**Мисолҳое аз ширки асғар**............................................47
1: Савганд хурдан ба ғайр аз Худо.................................47
2: Истифода аз ҳалқа ва ресмон.......................................48
3: Овезон кардани таъвиз..................................................49
4: Тилисм (навиштани дуо ва ҷодӯ)................................51
5: Сеҳр....................................................................................53
6: Толеъбинӣ ё пешгӯйи аз рӯйи
ситорагон ҷузъи сеҳр аст.................................................55
7: Яке аз мавориди сеҳр ва ширк,
ҷодӯйи марду зан аст..........................................................55
8: Фолгирӣ ва пешгӯйи...................................................56
9: Назр кардан барои ғайри Худо...................................58
10: Қурбонӣ кардан барои ғайри Худо..........................60
11: Наҳс ва бадгушун пиндоштани ашё,
ширк аст..................................................................................62
**Ислом роҳҳои нуфузи ширкро бастааст**..................64
1: Зиёдарӯйи дар бузургдошти
Паёмбар (с)..............................................................................64
2: Зиёдарӯйи дар ҳаққи инсонҳои солеҳ.......................65
3: Бузургдошти қубур.........................................................67
Аввал: Қабр набояд ба масҷид табдил шавад...............67
Дуввум: Набояд рӯ ба қабр намоз хонда
шавад.......................................................................................67
Саввум: Набояд бар рӯйи қабрҳо чароғ ё
шамъ равшан намуд ва онро чароғонӣ кард.................68
Чаҳорум: Сохтани бино рӯйи қабр ва гаҷ
задан рӯйи он мамнуъ аст................................................68
Панҷум: Набояд бар рӯйи қабр чизе
навишта шавад.......................................................................68
Шашум: Набояд қабрҳоро аз сатҳи замин
баланд кард.............................................................................68

Ҳафтум: Набояд қабрҳо маҳали таҷаммуъ
ва гуфтугӯ кардан бошад....................................................68
Чаро набояд қабрҳоро таъзим кард...............................69
4. Табаррук донистани дарахту санг ва ғайра...............70
5. Алфозе, ки рангу бӯйи ширк доранд.........................74
**Осори тавҳид дар зиндагӣ**...........................................76
1: Тавҳид яъне озодии инсон............................................76
2: Тавҳид омили эҷоди шахсияти матлуб......................77
3: Тавҳид, сарчашмаи оромиши дарунӣ.........................78
4: Тавҳид манбаъи эътимод ба нафс..............................79
5: Тавҳид асоси бародарӣ ва баробарӣ..........................81
**Мафосид ва зиёнҳои ширк**..........................................83
1: Ширк сабаби пастӣ ва хории инсоният......................83
2: Шикр лонаи хурофот...................................................84
3: Ширк зулми бузург аст................................................85
4: Ширк манбаъи тарс ва воҳима....................................85
5: Ширк нерӯ ва тавонро аз инсон мегирад..................86
6: Осори ширк дар охират...............................................86
**Феҳрасти матолиб**..........................................................88

***